آواز تاجيک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

7 сентябри соли 2022 Чоршанбе

№ 70-71 (14875)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


## ПРЕЗИДЕНТҲОИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН МАСЪАЛАҲОИ ҲАМКОРИИ АМАЛИРО МУҲОКИМА НАМУДАНД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 6 сентябр бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев суҳбати телефонӣ анҷом дод.**

Дар аввали гуфтугӯ роҳбари давлатамон бинобар сӯхторҳои ҷангал дар ҳудуди вилояти Кӯстанай ба пешвои Қазоқистон изҳори дастгирӣ намуда, ҳамчунин омодагиро барои кумаки ногузир дар бобати бартарафсозии оқибатҳои вазъияти фавқулодда таъкид кард.

Президентони ду мамлакат масъалаҳои муҳими минбаъд мустаҳкам намудани муносибати некҳамсоягӣ, шарикии стратегӣ ва иттифоқии Ўзбекистону Қазоқистон, вусъат додани ҳамкории амалиро бинобар самтҳои бартариноки ҳамкории дуҷониба баррасӣ намуданд.

Ба татбиқи лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои савдо, саноат, энергетика, нақлиёт ва логистика, хоҷагии қишлоқ ва дигар ҷанбаҳои иқтисодиёт эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Инчунин дар бобати мушкилоти минтақавӣ табодули афкор ба вуқӯъ пайваст. Рӯзномаи маҷлисиояндаи Созмони ҳамкории Шанхай, ки моҳи ҷорӣ дар шаҳри Самарқанд баргузор мегардад, муҳокима гардид.

**ЎзА.**

## КИШВАРЕ, КИ ҚАДРИ ИНСОНРО ГИРОМӢ МЕДОРАД, ДАР ОСТОНАИ ДИГАРГУНИҲО

**Дар ҷашни аз ҳама бузург, аз ҳама азиз – 31-умин солгарди истиқлолияти кишварамон аз комёбиҳо ва ислоҳоте, ки ба амал меояд, сухан рондан ба ҳар яки мо завқ мебахшад. Дарҳақиқат, Ўзбекистон дар солҳои охир ба маънои том тағйир ёфт. Ин ҷиҳатҳо, махсусан дар васеъ шудани ҷаҳонбинӣ ва фаровон шудани ҳаёти мардум, эҳёи арзишу анъанаҳои миллии мо равшан зоҳир мегардад.**

Вақте сухан дар бораи рушди мустақилона меравад, мо бо ифтихор қайд мекунем, ки дар панҷ соли оянда истилоҳи «Ўзбекистони Нав» дар арсаи сиёсии ҷаҳон пайдо шуд.

Зеро, солҳои охир дар мамлакати мо ислоҳоте, ки ба манфиати мардум нигаронида шудааст, ба дараҷаи мислаш дидананашуда суръат гирифт.

Деворҳои байни мардум ва ҳокимият аз байн бардошта шуданд. Ягон мурочиат аз эътибор дур намонд. Ҳокимон низ ба даруни мардум даромада, ба дарди онҳо гӯш карданро ёд гирифтанд ва роҳи ҳалли мушкилот дар ҷояш пайдо шуд. Ҳамин тариқ мушкилотҳое, ки аҳолиро ба ташвиш меоварад, зуд ҳал карда шуданд.

Дар мамлакатамон корҳои хайре, ки ба тарбияи насли наврас нигаронида шудаанд, хусусан дар соҳаи таълим равшан зуҳур меёбанд. Солҳои охир ҷиҳати рушди таҳсилоти мактабӣ ва ба дараҷаи стандартҳои ҷаҳонӣ баланд бардоштани низоми таҳсилоти олӣ тадбирҳои муҳим андешида шуданд. Дар натиҷа шумораи донишкадаҳои олӣ афзуд. Шумораи квотаҳо барои таҳсилоти олӣ сол то сол зиёд мешавад.

Имрӯз ба мо омӯхтани таърихи воқеии ниёгонамон, ки гоҳ бо мубориза, пирӯзӣ ва гоҳе бо ашк умр ба сар бурдаанд, мушарраф шудем. Кишварамонро сохтмону бунёдкорӣ зинат медиҳад. Шиорҳои «Ҳама чиз ба манфиати инсон», «Розигии халқамон – мақсади асосии мост» аз пештоқи биноҳо афтида, ба ҳаракат омаданд.

То вақтҳои охир ҳазорҳо ҳамватанони мо, ки орзуи маълумоти олӣ гирифтанро доштанд, аз сабаби маҳдуд будани шумораи мактабҳои олӣ натавонистанд таҳсил кунанд. Ҳолатҳое буданд, ки барои як ҷой 20-30 довталаб рост меомад. Аксари ҷавононе, ки бо умед ба остонаи мактаби олӣ қадам гузоштанд, бо дили шикаста баргаштанд.

Биёед, маълумоти охирини имрӯзаро мушоҳида кунем. Теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олӣ мувофиқи талаботи ҷавонони ташнаи илм ба 150 адад расид. Камаш 30 филиали донишгоҳҳои хориҷӣ кушода шуд. Ин рақамҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки имкониятҳои писарон ва духтарони мо барои таҳсил васеъ шуданд.

Илова бар ин, имкони дар як вақт ба чанд мактаби олӣ дохил шуданро доштани ҳар як довталаб маънои онро дорад, ки ҳар як шаҳрванди мо аз синни 17-18 солагӣ дар ҷомеа қадр карда мешавад. Зеро, барои ӯ як дар баста шавад, дари дигар боз мешавад. Саргардонӣ, «хуб хондам, аммо якчанд хол нарасид» гӯён ба хонаи торик даромада хобидан нест.

Боз як ҷиҳати муҳим, суханҳои дардноки: «Азоби роҳ – азоби қабр» низ манзараҳои рӯзгори асри гузаштаро ифода мекунанд. Нақлиёти ҷамоатие, ки аз шаҳр ба деҳа ҳаракат мекард, орзу буд. Автобусҳое, ки барои марказҳои ноҳия одам мекашониданд, ҳамеша серодам буданд.

Мушкилоти дарёфти чиптаҳоро ба қатораҳо ва ҳавопаймоҳо аз мардуме, ки аз вилоят ба Тошканд ё байни вилоятҳо сафар мекарданд, пурсед. Кассаҳои вокзал ва аэропорт макони фасод буд. Даллолҳо чиптаҳоро, ки аз пеш арзон набуданд, якуним баробар қимматтар мефурӯхтанд.

Имрӯз ба роҳ бароед, шумо даст набардошта, таксиҳо турнақатор мешаванд. Кондитсионерҳое, ки дар зимистон гарм ва тобистон сард мекунанд, на танҳо дар мошинҳои сабукрав, балки дар автобусҳои васею озода низ ҳастанд. Чиптаҳои самолёт ва поездро дар хона нишаста, бо осонӣ фармоиш дода гирифтан мумкин аст.

Насле, ки дирӯзро надидааст, барои чӣ ба чунин чизҳои хурд хурсанд мешавед,- гӯён даъво карданашон мумкин. Не, ҳолатҳоеро, ки вақт ва саломатии инсон қадр карда намешавад, кори ночиз ҳисобида намешавад. Маҳз чунин ҳолатҳо одамро ғамгин карда, дилашро аз одамон ва ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунад, хунук месозад. Ҳамзамон ба қадом ҷабҳаи ҷамъиятамон бодиққат назар андозем, фазилатҳоеро эҳсос мекунем, ки моро ба нафаси осуда кашидан водор месозад. Имрӯз шаҳрвандони Ўзбекистони соҳибистиқлол, бо қонунҳо ҳимоя карда шудаанд, мафҳуми қадр гаштаю баргашта ба яке аз ширинтарин меваҳои истиқлолият табдил ёфтааст.

Гуфтан мумкин аст, ки дар солҳои охир комиссияҳои бонуфузи корӣ хона ба хона, кӯча ба кӯча гашта, рӯзгори мардумро меомӯзанд ва ба қадри имкон мушкилоти ба онҳо дахлдоштаро ҳал мекунанд. Агар мо бо имкониятҳо чуқуртар шинос шавем, рақамҳои калон пайдо мешаванд.

Дар доираи лоиҳаи «Ҳар як оила соҳибкор» ба садҳо хоҳарони мо барои харидани хона вомҳои имтиёзнок пардохт карда шуд. Ҳазор нафар занон ва духтарон ба соҳибкорӣ дар марказҳои касбомӯзӣ омӯзонида шуда, ба ҳунармандӣ ва хонакорӣ ҷалб карда шуданд. Дар паси ҳар қадоми ин рақамҳо қадри инсон ниҳон аст.

Хулоса, агар мо ҳар як лаҳзаи истиқлолияти имрӯзаамон, ки 31 сол умр ба сар бурдааст, қадр кунем, ба он меҳру муҳаббати худро диҳем, умри ин неъмати бебаҳо – озодӣ ҷовид хоҳад монд.

**Дилором ИМОМОВА, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

*Пурсиши иҷтимоӣ*

## РӮЗИ ИСТИҚЛОЛИЯТ – РАМЗИ МУҲАББАТ БА ВАТАН

***Имсол сокинони Ватани сермиллати мо 31-солагии иди асосии миллӣ – Рӯзи истиқлолият, ташкил ёфтани давлати соҳибихтиёри Ўзбекистонро ҷашн гирифтанд.***

Маркази ҷумҳуриявии омӯзиши афкори умум «Ижтимоий фикр» таҳти мавзӯи «Ўзбекистон: 31-солагии истиқлолияти давлатӣ» пурсиши телефонӣ баргузор намуд, ки ба зоҳир намудани фикру ақидаи ўзбекистониён дар бораи зинаҳои муҳимтарин дар бунёди Ўзбекистони Нав, ҷараёни навсозӣ ва ислоҳсозии давлат ва ҷамъият, муваффақиятҳо ва дастовардҳо, ки дар ҳаёти шаҳрвандон ба амал омадаанд, нигаронда шудааст.

Пурсиш нишон дод, ки дар шуури ҷомеа Рӯзи истиқлолият яке аз ҷашнҳои асосии давлатӣ, рамзи ваҳдати миллӣ ва масъулият барои имрӯзу фардои кишварамон мебошад. Аксарияти ўзбекистониён, яъне 70,4 фоиз 31-умин солгарди истиқлолияти давлатиро дар рӯҳияи баланди идона, бо эҳсоси ифтихор ва муҳаббати хосса нисбат ба Ватан пешвоз гирифтанд. Назари маъмул ин аст, ки Ўзбекистон дар нигоҳдорӣ ва таҳкими сулҳу оромӣ дар кишвар, пешгирии низоъ ва бархӯрдҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳарбӣ ба натиҷаҳои баланд ва дигаргуниҳо ноил шудааст (79,2 фоиз).

Инчунин тадқиқот зоҳир намуд, ки ба гуфтаи 69,2 фоизи пурсидашудагон арзиши афзалиятнок ва дастоварди истиқлолият баланд шудани нуфузи кишвари мо дар арсаи ҷаҳонӣ ва эътирофи байналмилалии Ўзбекистон мебошад. Ба ақидаи 65,8 фоизи шаҳрвандон сулҳу ваҳдати байни миллатҳо, конфессияҳо омили муҳими рушди устувори кишвари мо дар тӯли солҳои истиқлолият мебошад.

Дар баробари ин 61,2 фоизи иштироккунандагони пурсиш татбиқи тамоюлҳои иқтисоди бозаргонӣ, фароҳам овардани шароит барои сармоягузорӣ, тавсеаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, бунёди соҳаҳои нави саноат, мувозинати ҳамаҷонибаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо, истифодаи оптималӣ ва самарабахши иқтидори онҳоро яке аз муваффақияту комёбиҳои асосии Ўзбекистони соҳибистиқлол номиданд. 62,6 фоизи иштирокдорон ба тадбирҳои амалӣ дар кишвар ҷиҳати ҳифзи модару кӯдак, таъмини имтиёзҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи оилаҳои камбизоат ва пешгирии бекорӣ баҳо доданд.

Солҳои охир дар кишварамон ба насли наврас ва ҷавонон, дастгирӣ ва бо кор таъмин намудан, ҳифзи иҷтимоӣ, мазмуннок ташкил кардани вақти холӣ, мустаҳкам намудани ҳисси дахлдории онҳо ба ислоҳот дар кишвар, тарбияи арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ эътибори хосса дода мешавад, таъкид намуданд 44,7 фоизи пурсидашудагон.

Илова бар ин 48,8 фоизи пурсидашудагон рушди варзиш ва тарбияи ҷисмониро дар кишвар қайд карданд, ки инро ҷоизаҳои сершумори варзишгарони мо дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ тасдиқ менамоянд.

Мувофиқи маълумоти расида 43,5 фоизи пурсидашудагон чунин мепиндоранд, ки дар соҳаи тандурустии кишвар дигаргуниҳои назарраси мусбат ба амал омадаанд: барои беҳтар намудани саломатии шаҳрвандон тадбирҳо фаъолона амалӣ карда мешаванд, кори ёрии аввалияи тиббию санитарӣ беҳтар мегардад, поликлиникаҳои нави оилавӣ ва бунгоҳҳои духтурии оилавӣ кушода шуда, кори системаи ёрии тиббӣ беҳтар мегардад, телемедитсина ривоҷ ёфта, ба ҳифзи модар ва кӯдак, коҳиш додани хатарҳо барои сиҳатӣ ва ҳаёти авлоди наврас эътибори хосса дода мешавад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки хусусияти муҳими сатҳи зиндагии аҳолӣ қобилияти харидорӣ ва мавҷуд будани шароити мусоид барои хариди калон, имконияти беҳтар намудани шароити манзилии шаҳрвандон, харидани молҳои муҳими истифодаи дарозмуҳлат, қонеъ гардондани эҳтиёҷоти иҷтимоӣ хидмат мекунад. Тавре ки иштирокчиёни пурсиш қайд карданд, дар солҳои охир онҳо тавонистанд мошини нави истеҳсоли ватанӣ харидорӣ намуда, туйи арӯсии худ ё фарзандони худро баргузор кунанд, таъмири асосиро анҷом дода, мебелҳояшонро нав кунанд. Барои иштирокдорони пурсиш комёбии назаррас ин буд, ки онҳо маълумоти олӣ гирифтанд ва маблағи шартномаи таълимро пардохт карданд. Пурсидашудагон инчунин изҳор доштанд, ки онҳо тавонистанд ҷуғрофияи сафарҳои худро ҳам дар дохили кишвар ва ҳам ба хориҷи кишвар васеъ кунанд.

Умуман тадқиқот нишон дод, ки дар афкори умум ҷонибдории вектори рушди Ўзбекистони Нав, ки ба таҳкими суботи ҷомеа, таъмини амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва нуфузи байналмилалии кишвар нигаронда шудааст, бартарӣ дорад. Натиҷаҳои пурсиш тасдиқ менамоянд, ки ҷаҳонбинии шаҳрвандон, муносибати онҳо ба меҳнат, зиндагӣ тағйир ёфта, маданияти ҳуқуқӣ, шуури сиёсӣ ва фаъолияти иҷтимоии аҳолӣ меафзояд, арзишҳои маънавию ахлоқии онҳо таҳким меёбад, мавқеи шаҳрвандии одамон, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулияти шахсӣ барои тақдири Ватан меафзояд.

Бинобар ақидаи пурсидашудагон, Рӯзи истиқлолият – рамзи муҳаббат ба Ватан, намоиши ваҳдати сермиллати ўзбекистониён, ифтихори миллӣ аз он аст, ки кишвар сол то сол дар пешрафти худ ба комёбиҳои бештар ноил мегардад.

**Бинобар маълумоти Маркази ҷумҳуриявии омӯзиши афкори умум «Ижтимоий фикр» мухбири ЎзА М.ИСАЙЧЕВА тайёр кард.**

## ФАРҒОНА: ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ТАМОМИ МИНТАҚАҲОИ ВИЛОЯТРО ФАРО ГИРИФТААСТ

***Мувофиқи маълумоти расмӣ вилояти Фарғона аз рӯйи шумораи хонаҳои барои баҳрабардорӣ супурдашуда дар байни вилоятҳои ҷумҳурӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад. Гуфта мешавад, ки ин аз ҳисоби дар шаҳру ноҳияҳои вилоят сохта шудани мавзеъҳои нави истиқоматӣ, маҷмӯаҳои биноҳои серошёнаи замонавӣ маншаъ мегирад. Мувофиқи маълумоти кумитаи давлатии омор дар вилояти Фарғона теъдоди хонаҳои баландошёнаи истиқоматӣ 791 ҳазору 200-торо ташкил менамояд.***




Танҳо бунёди шаҳраке дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Гулистони ноҳияи Бағдоди ин вилоят дар саросари ҷумҳурӣ садоҳои зиёд ва вокунишҳои мусбатро ба бор овардааст. Зеро, дар муддати кӯтоҳ сохтмончиён биноҳои истиқомативу иншооти иҷтимоии гуногунро сохтаву мавриди баҳрабардорӣ қарор додаанд, ки ҳамаро ангушти ҳайрат газондааст. Аъзои хонаводаҳои зиёд сокини ин хонаҳои хушсохту замонавии истиқоматӣ шудаанд. Онҳо барои чунин ғамхорӣ ва фароҳам овардани шароити хубу мувофиқ ба Сардори давлат, ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти маҳаллӣ арзи сипосу минатдорӣ баён кардаанд.

Ҳоло ҳамроҳи муштарӣ баъди ноҳияи Ёзёвон сар мезанем ба ноҳияи қадима, аммо ҳамешасабзу ҳамешабаҳори Қува ё Қубо, ки хиёбони марказии онро муҷассамаи бошукӯҳи олиму фозили ин диёр Аҳмад Фарғонӣ зебо оро додааст. Бубинем, ки дар ин ноҳия то чӣ андоза аз кору пайкори бағдодиҳои вилояти худ пайравӣ мекунанд.

Ин ноҳия 65 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳоро муттаҳид намудааст. Шаҳристони Қува аз маркази вилоят дар масофаи 20-25 километр воқеъ гаштааст. Қисмати аъзами сокинони ин ноҳияро, ки бо вилояти Андиҷон ҳаммарз мебошад, ўзбекон ва тоҷикон ташкил мекунанд. Инчунин, дар қаламрави он намояндагони халқҳои дигар, мисли қирғизҳо, қазоқҳо, бошқирду тоторҳо, русҳо, украинҳо, белорусҳо ва амсоли он дар фазои амну субот ва орому осуда машғул ба зиндагиву кор ҳастанд.

Ноҳияи Қува ба истеҳсоли маҳсулоти гуногуни истеъмолӣ, аз қабили ғалла, сабзавот ва мева, инчунин пахта ихтисос дода шудааст. Ғайр аз ин, солҳои охир домани истеҳсоли маҳсулоти саноат низ дар ноҳияи Қува хеле вусъат ёфта, аз ин ҳисоб рӯзгори мардуми он беш аз пеш фаровон мегардад.

– Ноҳияи Қува мисли тамоми шаҳру ноҳияҳои дигари вилояти Фарғона ва дар кулл – саросари ҷумҳурӣ дигаргуниҳои зиёдро аз сар мегузаронад. Ба ибораи дигар, дар Қува шукӯҳи Ўзбекистони Нав тантана мекунад, иншооти наву замонавӣ сохта мешаванд, мардум аз накҳати истиқлолу Ўзбекистони Нав ба хубӣ баҳра мебаранд, – дар ифтитоҳи сухаронӣ гуфт ҳокими ноҳия Ҳалимҷон Умаров.

Тавре ки вай тазаккур дод, мардуми меҳнатқарини он мисли тамоми мардуми кишвар пандемияи коронавирусро мардонавор паси сар намуданд. Дар ҳамин ҳол ҳаёти нав дар тамоми соҳаҳои ноҳия ҷушӯ хурӯш пайдо кардааст. Яке аз вазифаҳои аввалини онҳо расонидани кумакҳои моддӣ ба оилаҳои камбизоат ва аз нигоҳи моддӣ эҳтиёҷманд мебошад. Дар баробари ин, бо манзили наву аз ҳар зовия замонавӣ таъмин кардани қишри ниёзманди аҳолӣ аллакай ба давраи ниҳоии худ мерасад. Аммо ин раванд босуръат идома дорад.

– Пеш аз ҳама ба аъзои хонаводаҳое ин кумакҳо расонида мешаванд, ки дар феҳрасти “Дафтари оҳанин”, “Дафтари занон” ва “Дафтари ҷавонон” шомил шудаву барои онҳо таъмини манзил низ дар радаи аввал қарор дорад. Бар асоси омӯзишҳои пай дар пай ва таҳқиқ бо усули маҳаллабай дар ноҳияи мо ҳудуди 2 ҳазору 300 оилаи камбизоат номнавис карда шудаанд. Баъд ин теъдод ҳудуди даҳуним ҳазор нафарро ташкил намуд, – мегӯяд ҳокими ноҳия. – Дар давоми ду соли охир ба хонаводаҳое, ки шомили ин дафтарҳо шудаанд, аз буҷаи мамлакат миллиардҳо сӯм кумакҳои моддӣ расондем. Танҳо соли гузашта миқдори ин кумакҳо дар се моҳи аввал бештар аз 1 миллиарду 935 миллион сӯмро ташкил дод.

Ногуфта намонад, ки мисли шаҳру вилоятҳо ва ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ дар ноҳияи Қува низ тақсиму танзими маводи хӯроквори ба аъзои хонаводаҳои камбизоат ва тарзи зиндагиашон дар ҳоли рушд ҳанӯз давом дорад. Аммо дар дувуним соли охир ин теъдод ба 15-20 фоиз коҳиш ёфт, ки барои ин ноҳия муваффақияти бузург арзёбӣ гардид. Маълум шуд, ки аз ҳисоби заминҳои аз кишти ғалла озодшуда ҳудуди 700 хонавода ба кишти сабзавот машғул шуданд ва ин таҷриба, ки дар кишварамон хеле доман фарох намудааст, дар ноҳияи Қува низ паёмадҳои хеле пурбор ба бор овардааст.

(Давомаш дар саҳ.3). ⇨

***Дар натиҷаи рушди корҳое, ки ба фароҳам овардани шароити қулай, дастгирӣ ва рағбатноксозии соҳибкорон нигаронда шудааст, дар ноҳияи Поп як қатор иншоотҳои бузург сохта ба истифода супурда мешаванд.***

## ДУ МАҶМӮИ ЯК СОҲИБКОР

Аз ҷумла, аз ҷониби корхонаи “Поп номемаркет”, ки бо роҳбарии Бургуталӣ Ҳакимов бунёд гардидааст, бинои панҷошёнаи истиқоматӣ ба истифода супурда шуд. Ин бинои замонавӣ ба ҷашни истиқлол туҳфаи муносиб буда, аз 53 хонадон иборат мебошад ва ба бунёди он 22 миллиард сӯм маблағ сарф гардидааст. Инчунин, аз ҷониби ҶММ “Дармон шифо нур”, ки роҳбари он низ Б. Ҳакимов мебошад, клиникаи хусусии ҷарроҳӣ кори худро оғоз намуд. Қимати умумии клиника 20 миллиард сӯмро ташкил намуда, дар он 30 нафар шифокору ҳамшира бо кор таъмин гардиданд. Шифохона бо ҷиҳозҳои ҷарроҳии лапароскоп, ИВЛ, МЭД, ки аз Хитой оварда шудаанд, ҷиҳозонида шудааст.

Дар маросими ифтитоҳи шифохона ҷонишини ҳокими вилоят Ғ. Муродхӯҷаев иштирок карда, таъкид намуд, ки имрӯз ноҳияи Поп ободу бошукӯҳ гашта, мардуми он низ бо ғайрату рӯҳбаландӣ баҳри шукуфоии ноҳия меҳнат мекунанд. Онҳо худро бахтиёр ҳис мекунанд, ки дар чунин кишвари ояндааш дурахшон, мардумаш гиромидошта зиндагӣ мекунанд. Ва албатта, ба қадри чунин имкониятҳо расиданро барои авлоди оянда хотиррасон бояд кард.

**Ш. ДАМИНОВА, хабарнигори “Овози тоҷик”.**

*Вилояти НАМАНГОН.*

## МАРКАЗИ НАВИ САЙЁҲӢ ДАР САМАРҚАНД – ТАҶАССУМИ ИБТИДОИ ЭҲЁИ СЕЮМ

***Суханронии Президенти Ўзбекистон дар маросими ифтитоҳи Маркази байналмилалии сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим» дар матбуоти хориҷӣ акси садо пайдо кард.***

Маросими ифтитоҳи расмии Маркази байналмилалии сайёҳии “Роҳи бузурги абрешим”, ки бо иштироки Президент Шавкат Мирзиёев 23 август дар Самарқанд баргузор гардид, дар воситаҳои ахбори оммавии хориҷӣ, аз он ҷумла байналмилалӣ васеъ равшан карда шуд.

**Агентии иттилоотии “Anadolu”**-и туркӣ хабар медиҳад, ки сарвари Ўзбекистон зимни ифтитоҳи маркази сайёҳӣ, таъкид кард, ки шаҳри Самарқанд пояи давлатдории Ўзбекистон буда, дар ташаккул ва рушди халқи ўзбек нақши муҳим бозидааст.

«Ин маркази аҷиб идомаи анъанаҳои меъмории аз ҷониби аҷдодони бузурги мо бунёдшуда мебошад. Боварӣ дорам, ки он пули рамзӣ дар байни таърихи пуршарафи мо ва Эҳёи сеюм, ки ҳоло мо таҳкурсии онро ташкил карда истодаем, табдил хоҳад ёфт. Маҷмӯаи “Роҳи бузурги абрешим” дарҳои Ўзбекистони ба рӯйи ҷаҳон васеъ кушода», — иқтибос меорад агентӣ аз суханони Президент.

Гуфта мешавад, ки маркази серсоҳа 8 меҳмонхонаи замонавӣ, конгресс-холл, маҷмааи «Шаҳри абадӣ», амфитеатр ва бисёр иншооти дигарро дар бар мегирад. Дар ин ҷо бозори кӯҳна, 40 устохонаи ҳунармандӣ аз рӯйи анъанаҳои ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ мавҷуд аст. Дар онҳо ҳунармандон аз рӯйи кандакории чӯб, кулолгарӣ, коғази абрешимӣ, заргарӣ ва қолинбофӣ дарсҳои маҳорат мегузаронанд.

Дар биноҳои маҷмӯа расмҳои таърихии даврони Роҳи бузурги абрешим инъикос ёфтаанд. Ҳамин тариқ, ҳангоми тарҳрезии ансамбли «Шаҳри абадӣ» аз сюжети фрески дар девори Афросиёби бостонӣ маҳфузбуда, ки дар он маросими пазироии сафирони Корея, Чин, Ҳиндустон ва дигар кишварҳо аз ҷониби ҳокими давлати Суғд тасвир ёфтааст, истифода шудааст. Маркази нави сайёҳӣ қодир аст, ки соле ба 2 миллион нафар сайёҳон хизмат расонад.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

# МАРКАЗИ НАВИ САЙЁҲӢ ДАР САМАРҚАНД – ТАҶАССУМИ ИБТИДОИ ЭҲЁИ СЕЮМ

(Аввалаш дар саҳ.1).

**Агенти бонуфузи иттилоотии «Синхуа»-и Чин** менигорад, ки лоиҳаи азими сохтмони маҷмӯи бузург дар майдони 212 гектари шафати роҳи канали завракронии ноҳияи Самарқанд дар соли 2019 бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев оғоз ёфта буд.

Меҳмонхонаҳои замонавӣ ва конгресс-холл барои баргузории чорабиниҳои бузурги байналмилалӣ шароит фароҳам меоранд. Хабарнигори "Синхуа" аз ҷойи ҳодиса хабар дод, ки раҳбари Ӯзбекистон зимни суханронӣ дар маросими ифтитоҳи марказ ҳамаро бо ин рӯйдоди фараҳбахш табрик гуфт.

**Интернет портали ИДМ ва "Радиои ИДМ"** хабар паҳн кард, ки Президент Шавкат Мирзиёев баробари ба Самарқанд омадан дар ҳудуди маҷмӯи "Шаҳри абадӣ" бо намояндагони насли калонсол ва зиёиёни Самарқанд мулоқот анҷом дод. Бо орзуи он, ки сохтмонҳои нав ба манфиати халқамон муддати дароз хизмат кунанд, дуо хонда шуд.

«Самарқанд шаҳрест, ки пояи давлатдории миллии мост ва дар ташаккул ва рушди ду давраи Эҳё дар таърихи мо нақши муҳим бозидааст. Сайёҳон ба ин ҷо асосан барои тамошои ёдгориҳои кадима ва зиёрати зиёратгоҳи ин ҷо меомаданд. Барои дигар соҳаҳои сайёҳӣ ягон маҷмааи замонавӣ вуҷуд надошт», — оварда шудааст суханони сарвари давлат дар портал.

Таъкид мешавад, ки дар ба ин маҷмаа дода шудани номи "Роҳи бузурги абрешим" маънои амиқ ниҳон аст. Биноҳои маҷмаа расмҳои таърихии даврони Роҳи бузурги абрешимро инъикос мекунанд. Ҳамин тариқ, ҳангоми тарҳрезии ансамбли «Шаҳри абадӣ» аз сюжети фрески дар девори Афросиёби бостон маҳфузбуда, ки дар он маросими пазироии сафирони Корея, Чин, Ҳиндустон ва дигар кишварҳо аз ҷониби ҳокими давлати Суғдиён тасвир шудааст, истифода шудааст.

Ба ғайр аз ин, меҳмонхонаҳои замонавӣ ва конгресс-холл барои баргузории чорабиниҳои миқёсаш васеъ шароит фароҳам меоваранд. Ба наздикӣ дар ин ҷо чорабиниҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили ҳамоиши сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, мулоқоти раҳбарони кишварҳои узви Созмони туркӣ баргузор мешаванд. Соли оянда дар ин шаҳри бостонӣ ҷаласаи солонаи Шӯрои мудирони Бонки аврупоии таҷдид ва рушд ва Ассамблеяи генералии Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ баргузор мешавад.

Таъкид мешавад, ки барномаи мусиқии «Достони шаҳри абадӣ» таҷассуми образноки маркази нав шудааст. Намоиш, ки санъати халқи мо ва ҷаҳонро ба ҳам пайвастааст, ба тантана фазои махсус бахшид.

**"Радиои ИДМ"** ҳамчунин хабар дод, ки дар бунёди маркази сайёҳӣ мутахассисони Олмон, Британияи Кабир ва Туркия ширкат кардаанд. Дар давоми сол Маркази «Роҳи бузурги абрешим» метавонад то 2 миллион нафар сайёҳонро қабул кунад ва дар панҷсолаи ҷорӣ шумораи онҳо ба 9 миллион нафар расонда мешавад.

Соли оянда дар толори конгресс-холли маркази сайёҳӣ ҷаласаи солонаи Шӯрои мудирони Бонки аврупоии таҷдид ва рушд ва Ассамблеяи генералии Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ баргузор мешавад.

Илова бар ин, баргузории чорабиниҳои байналмилалӣ, аз қабили Ҳамоиши СҲШ ва мулоқотҳои президентҳои кишварҳои узви Созмони кишварҳои туркӣ дар назар аст.

Расонаҳои Русия, бахусус оҷонсиҳои бонуфузи хабарии **РИА "Новости", "ТАСС"** дар бораи тантанаҳо дар Самарқанд гузоришҳои интернетӣ нашр карданд.

**Агентии «Regnum»** дар баробари паём дар бораи имкониятҳои маркази нави сайёҳӣ аз суханони Президенти Ӯзбекистон истинод мекунад, ки Амир Темури бузург бесабаб Самарқандро пойтахти давлати абарқудрате, ки асос гузоштааст, интихоб накардааст. Сарвари Ӯзбекистон таъкид кард, ки анъанаҳои неки дар ин сарзамин ташаккулёфтаро идома дода, ҷиҳати эҳёи шукӯҳи таърихии Самарқанд, ҷиҳати боз ҳам зеботару бароҳаттар гардонидани он, ба шаҳраки воқеии маркази сайёҳии байналмилалӣ табдил додани он корҳои васеъмиқёс ба амал бароварда мешаванд.

«Анҷоми сохтмони маҷмааи "Роҳи бузурги абрешим" боз як қадами муҳим дар ин самт гардид», — навиштааст хабаргузории "Regnum" аз суханони Президент.

**Хабаргузории «Фарғона»** иттилоъ медиҳад, ки дар ҳудуди маркази сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим» маҷмааи Маркази конгресс воқеъ аст, ки рӯзҳои 15-16 сентябр дар он ҳамоиши сарони кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) баргузор мешавад. Гуфта мешавад, ки масоҳати Маркази конгресс 18 ҳазор метри мураббаъ буда, 13 толори конфронс бо зарфияти то 3,5 ҳазор иштирокчӣ мавҷуд аст.

«Шавкат Мирзиёев дар маросими ифтитоҳи "Роҳи бузурги абрешим" суханронӣ намуда, салоҳияти сайёҳии Самарқандро қайд кард. Вай эълон кард, ки шумораи сайёҳони хориҷӣ ба ин шаҳр бештар аз якуним миллион нафар зиёд карда шавад. Умуман, дар назди мақомот вазифа гузошта шудааст, ки дар панҷ соли оянда ҳаҷми сайёҳон ба Ӯзбекистонро аз 2 миллион нафари ҳозира ба 9 миллион нафар расонанд. Интизор меравад, ки шумори шаҳрвандони Ӯзбекистон дар бахши сайёҳӣ беш аз 500 ҳазор нафар шавад", — навиштааст нашрия.

Гузориши аксу видеоии хабаргузории **АИ "Спутник"** дар баробари маълумот дар бораи ин марказ ва маросими ифтитоҳи он барномаи мусиқии «Достони шаҳри абадӣ»-ро инъикос кардааст. «Намоише, ки санъати халқи ӯзбек ва ҷаҳонро муттаҳид кард, ба маросим фазои махсус бахшид», — қайд мекунад "Спутник".

**АИ «Buying Business Travel Russia»** таъкид мекунад, ки маркази сайёҳӣ бузургтарин объекти ба худ хос дар Осиёи Марказӣ мебошад. Аз ин рӯ, ба маросими бошукӯҳи ифтитоҳ беҳтарин ходимони фарҳанг ва санъати Ӯзбекистон ва байналмилалӣ, балетмейстерҳо, продюсерҳо, ороишгарони садо, рӯшноӣ ва либосҳо ҷалб карда шуданд. Дар маҷмӯъ тақрибан 700 нафар ҳастанд. Режиссёр-саҳнагузорандаи чорабиниҳои тантанавӣ Андрей Болтенко, режиссёри «Евровидения 2009» ва маросими ифтитоҳи Бозиҳои зимистонаи олимпии соли 2014 дар Сочи буд. Тарҳрези ороишгари намоиш Зиновий Марголин, барандаи чаҳоркаратаи Ҷоизаи «Ниқоби тиллоӣ» буд, ки дар театрҳои Калон ва Мариинский, Театри бадеии Маскав ба номи А.П.Чехов, дар «Операи нав»-и Маскав ва дар бисёр ҷойҳои дигари ҷаҳон таҷрибаи корӣ дорад.

Гуфта мешавад, ки арзиши умумии марказ ҳудуди 550 миллион долларро ташкил дода, аз ҳисоби сармоягузории мустақим аз ҷониби пудратчии генералӣ Enter Engineering, Хазинаи «Роҳи абрешим», бонкҳои Швейтсария ва Ӯзбекистон ҷалб шудааст.

Чорабинии мазкур инчунин дар портали иттилоотии **«Вестник Кавказа» (Русия), дар ВАО-и пешрафтаи Осиёи Марказӣ – Агентии хабарии «Казинформ», Forbes.kz (Қазоқистон), хабаргузории «Кабар» (Қирғизистон), АХ «ASIA-Plus» (Тоҷикистон)**, инчунин бисёр дигар захираҳои иттилоотӣ инъикос ёфтааст. Онҳо хабар доданд, ки Президенти Ӯзбекистон дар маросими ифтитоҳи ин марказ низ аз ифтитоҳи чунин марказҳо дар Бухоро ва сипас дар тамоми манотиқи кишвар хабар дод.

**АИ «Дунё».**

*Дар арзҳои дӯстӣ*

***Маълум аст, ки миёни вилоятҳои Ҷиззахи Ӯзбекистону Суғди Тоҷикистон оид ба роҳ мондан ва вусъат додани ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун, ба мисли савдо, саноат, иқтисод, сайёҳӣ, мустаҳкамсозии риштаҳои дӯстӣ қарордод ба имзо расидааст. Ҳанӯз моҳи июни соли ҷорӣ гурӯҳе аз вилояти Ҷиззах ба шаҳри Хуҷанд – маркази маъмуриву фарҳангии вилояти Суғд рафта, дар як ҳамоиши байналхалқӣ ширкат варзида буданд.***

# САҲИФАҲОИ НАВИ ҲАМКОРӢ

Инак, гурӯҳи меҳмонон аз вилояти Суғд ба шаҳри Ҷиззах ташриф оварданд.

Дар ин сафари расмӣ ҳайати меҳмононро муовини раиси вилояти Суғд Даврон Зоҳидзода роҳбарӣ мекард.

Онҳоро дар назди бинои ҳокимияти вилоят гарму ҷӯшон истиқбол гирифтанд. Ҳар ду ҷониб аз пешомадҳои ҳамкорӣ, нақшаҳои минбаъда ҳарф заданд. Ба ҳамдигар тӯҳфаҳои хотирмон ва рамзӣ тақдим карданд.

Ҳайати меҳмонон аз IT park, мактаби президентӣ, донишгоҳи Sambhram, Маркази нави ахбору китобхонаи вилоят, Минтақаи озоди иқтисодии Ҷиззах, корхонаи мошинсозӣ дидан карданд.

Онҳо дар чорабинии идона, ки дар боғи экологии «Ӯрда» бахшида ба ҷашни Истиқлол баргузор гардид, низ ширкат ҷустанд. Аз барномаи таҳиянамудаи мизбонон баҳравар гардиданд. Чунин вохӯриҳо барои боз ҳам вусъат додани ҳамкориҳои тарафайн, мустаҳкамсозии риштаҳои дӯстӣ хидмат хоҳанд кард.

**Анорбой НАЗАРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# БЕХАТАРИИ ИТТИЛООТӢ – ДАР МЕҲВАРИ ГУФТУГӮҲО

***Шаҳри Тошканд 6 сентябр ба майдони баррасии масъалаҳои амнияти иттилоотӣ дар фазои Созмони ҳамкории Шанхай табдил ёфт. Дар ин анҷуман, ки нахустин бор баргузор гардид, бештар аз 30 нафар коршиносони варзида ба намояндагӣ аз вазоратҳо, идораҳои дахлдор, доираҳои илмӣ ва академӣ, инчунин таҳлилии кишварҳои СҲШ иштирок карданд.***

Ба таъкиди мудири Пажуҳишгоҳи стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ӯзбекистон Элдор Арипов ин нишаст аз чорабиниҳое маҳсуб меёбад, ки маҳз чунин равишҳо, механизмҳо ва воситаҳои муборизаи ҳамаҷониба алайҳи таҳдиду хатарҳо дар соҳаи иттилоотро дар меҳвар қарор додааст Қайд гардид, ки дар замони муосири рақамӣ технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ болоравии бесобиқаи рушди худро аз сар мегузаронанд ва ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, ҷомеа ва давлат ворид мешаванд. Ин албатта, дар заминаи мустаҳкам шудани зербинои моддию техникӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва иқтидори истеҳсолии иқтисодиёт ва муҳимтар аз ҳама, ба мардум додани донишу малакаҳои нав ба даст хоҳад омад.

Қайд гардид, ки нақшаи чорабиниҳои амалӣ оид ба такмил додани системаи киберамнияти Ӯзбекистон тасдиқ карда шудааст. Дар доираи ин нақша Қонун «Дар бораи киберамният» қабул гардидааст, ки санади асосии танзимкунандаи муносибатҳои ин соҳа унвон гирифтааст. Ин қонун ҳимояи манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ дар фазои маҷозиро ҳадафи худ қарор додааст.

Ноиби Дабири кулли СҲШ Григорий Логвинов зимни ширкати онлайн иброз намуд, ки СҲШ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ дар сафи пеш қарор дорад. Ба гуфтаи ӯ ҳарчанд ин созмон устуворона аз пайи бартараф сохтани истифодаи технологияҳо барои мақсадҳои ғайриқонунӣ равона аст, вале ҳанӯз месазад, ки дар ин росто муштаракан бояд муборизаро вусъат бахшид.

Мудири Пажуҳишгоҳи таҳқиқоти стратегии назди Президенти Қазоқистон Санат Қушқумбоев тазаккур дод, ки мавзӯи амнияти байналмилалии иттилоотӣ беш аз 15 сол пеш ба рӯзномаи СҲШ ворид шуда буд ва имрӯз яке аз самтҳои асосӣ ва муҳимтарини фаъолияти ин Созмони бонуфуз боқӣ мемонад.

Юлия Коростелева, сардори Раёсати ҳамкориҳои минтақавӣ ва дуҷониба дар соҳаи амнияти байналмилалии иттилоотии Вазорати корҳои хориҷии Русия дар ҷараёни анҷумани амнияти иттилоотӣ фаъолияти гурӯҳи коршиносони СҲШ оид ба амнияти иттилоотии байналмилалиро хеле муҳим арзёбӣ кард. Ба гуфтаи вай, дар чаҳорчӯби раёсати Ӯзбекистон дар СҲШ Гурӯҳ имкон пайдо намуд, ки барои пешбурди равишҳои ин созмон дар арсаи байналмилалӣ, пеш аз ҳама, ба принсипҳои одилона ва баробарии иттилоот, амнияти ҳамаи иштирокчиёни он такя кунад.

Анҷумани Тошканд дар се иҷлосия кори худро идома дод. Дар ин иҷлосияҳо масъалаҳои "Васеъ кардани дастрасӣ ба иттилоот омили муҳими рушди ҷомеаи муосир мебошад", "Таҳдидҳои иттилоотӣ ва идеологӣ ва таҳияи ҷавобҳои муассир" ва "Муҳофизати иншооти муҳими инфрасохтори иттилоотӣ дар шароити рушди динамикии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ" мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири "Овози тоҷик".**

# МАҲСУЛОТ – БА БОЗОРИ ҶАҲОН

***Дар мамлакатамон барои рушди босуръати соҳибкорӣ ва ба вуҷуд овардани муҳити қулайи корчаллонӣ як қатор тағйироти мусбат ба амал татбиқ мегарданд.***



Дар арафаи ҷашни 31-солагии истиқлолияти мамлакатамон якчанд иншоотҳо аз тарафи соҳибкорон ва корчаллонони ноҳияи Поп ба истифода супурда шуданд. Аз ҷумла, маҷмӯи гармхонаи замонавӣ, ки аз тарафи ҶММ «Zamin Gren-World» барпо гардидааст, фаъолияти худро оғоз кард.

Барои барпо намудани гармхона, ки 8 гектар майдонро дар бар мегирад, 61,6 млрд. сӯм маблағ равона карда шудааст. Дар гармхона мақсад гузоштанд, ки аҳолии ноҳияро бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин намоянд ва бо ин роҳ устувории нарху навоaро нигоҳ доранд, 100 нафар бо кори доимӣ ва 150 нафар бо кори мавсимӣ таъмин шудааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ба ин ҷо асосан онҳое, ки аз рӯйихати «Дафтари бонувон» ва «Дафтари ҷавонон» ҷой гирифта буданд, ба кор қабул карда шуданд.

– Таҷҳизоти корхонаро аз Туркия ва Испания овардем, – гуфт роҳбари корхона Абубакир Мамадалиев. – Дар гармхона помидори навъи «Хужимаро», ки аз Олмон оварда шудааст, бо усули гидропоника парвариш карда мешавад. Ҷамоаи корхона ният доранд, аз ҳар гектари гармхона ҳар сол ду маротиба ҷамъ — 250 тонна маҳсулоти босифат гиранд.

Дар натиҷа, иқтидори солонаи корхона 3500 тонна маҳсулот ёки 10,5 млн. долларро ташкил медиҳад.

Маҳсулот ба давлатҳои Аврупо ва Русия содир карда мешавад.

Дар маросими кушодашавии гармхона ҳокими вилояти Намангон Шавкат Абдураззоқов гуфт, ки ҳоло аз тарафи сарвари давлат Шавкат Мирзиёев ба соҳаи соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ эътибори зиёд дода мешавад, ки дар натиҷаи он ҳазорон нафар ҳамдиёрони мо бо кор таъмин гардида, ҳолати иҷтимоии онҳо рӯй ба беҳбудӣ меорад.

**Шоҳида ДАМИНОВА, мухбири «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАМАНГОН.*

# ДАР БЕШАРИҚ МАРКАЗИ БАЙНИНОҲИЯВИИ ПЕРИНАТАЛ БА КОР ШУРӮЪ НАМУД

***Дар заминаи шуъбаи таваллудгоҳи иттиҳодияи тиббии ноҳияи Бешариқи вилояти Фарғона маркази байниноҳиявии перинатал ба истифода дода шуд, ки дар як вақт ба 145 нафар занони синни таваллуд хидмат мерасонад.***



Дар чорабинии ифтитоҳӣ ҳокими вилояти Фарғона Хайрулло Бозоров бо мамнуният қайд кард, ки дар кишварамон ислоҳот дар ҳама соҳа идома доранд, бузургтарин ислоҳот дар соҳаи тиббиёт ба амал бароварда мешавад.

Дар мамлакатамон дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи тиб сифати хидматрасонии тиббӣ ҳатто дар ноҳияҳои дурдаст беҳтар шуда истодааст. Аз ҷумла, масъалаи таъмини саломатии модару кӯдак ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат табдил ёфтааст. Манзили навбунёд идомаи ин корҳо мебошад.

Меҳмонон бо шароите, ки дар таваллудхона фароҳам оварда шудааст, шинос шуданд.

Барои реконструксияи маҷмӯи таваллудхона 750 миллион сӯм сарф карда шуд. Инчунин, бо мақсади беҳтар намудани заминаи моддию техникии муассисаи тиббӣ аз ҳисоби маблағи Вазорати тандурустӣ ва ҳокимияти вилоят таҷҳизоти замонавии тиббӣ, дастгоҳҳо оварда мешавад.



Тибқи қарори сарвари давлат «Дар бораи чораҳо оиди боз ҳам такмил додани низоми ёрии махсуси тиббӣ дар соҳаи тандурустӣ», ки 29 июли соли 2021 қабул шудааст, дар якҷоягӣ бо ҳокимияти вилоятҳо, аз 1 январи соли 2022 марҳила ба марҳила дар заминаи шуъбаҳои 46 иттиҳодияи тиббии ноҳиявӣ (шаҳрии) ҷумҳурӣ ташкил намудани марказҳои перинаталии байниноҳиявӣ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, дар вилоятамон таъсис додани 3 то маҷмӯи таваллудхона дар шаҳрҳои Қӯқанд, Марғелон ва дар заминаи шуъбаи таваллудхонаи иттиҳодияи тиббии ноҳияи Бешариқ марказҳои перинатали байниноҳиявӣ ба нақша гирифта шудааст.

1 июли соли ҷорӣ маркази байниноҳиявии перинатали шаҳри Қӯқанд, ки ба занону кӯдакони сокини шаҳри Қӯқанд, ноҳияҳои Данғара, Бувайда, Бағдод ва Учкӯприк хидмати перинатал мерасонад, ба истифода дода шуда буд. Маркази перинатал дар Марғелон, дар моҳи октябр ба хидматрасонии тиббӣ шурӯъ мекунад.

**Масъудҷон СУЛАЙМОНОВ, мухбири ӮзА.**

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***

## ХАБАРҲО

### КИТОБҲОИ ДАРСӢ БЕПУЛ ВА СИФАТНОК МЕШАВАНД

***Яке аз воситаҳои асосии таълим дар дабистонҳо китобҳои дарсист, ки то ин вақт ба тарзи иҷора ба толибилмон дода мешуд. Маълум гашт, ки вақтҳои охир ҳақи иҷора то андозае боло рафта, ин ба эътирози падару модарони серфарзанд сабаб шудааст. Президент ба тарзи таъҷилӣ бепул расонда додани китобҳои дарсиро супориш дод.***

Дигар аз масъалаҳое, ки ташвишовар аст, сифат ва савияи китобҳои дарсист.

Ин низ дар маркази диққати идораҳои болоист. Дар ҷамъомаде, ки таҳти раисии роҳбари Маъмурияти Президент Сардор Умурзоқов рӯи кор омад, масъалаи мазкур аз нуқтаи назари танқидӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Ҷонишини роҳбари Маъмурияти Президент Комил Алламҷонов гуфт, китобҳои дарсӣ баробари ройгон шудан минбаъд аз ҷиҳати сифат беҳтар хоҳанд гашт.

Бо мақсади аз санҷиши маҷмӯӣ гузаронидани китобҳои дарсӣ дар мактабҳо, аниқ сохтани хатою норасоӣ ва беҳсозии сифати онҳо иборат аз вакилони масъули Маъмурияти Президент, Вазорати таълими халқ, Инспексияи назорати сифати таълим ва дигар идораҳои дахлдор гурӯҳи калони корӣ таъсис дода мешавад.

Палатаи ҳисоб, Кумитаи мубориза алайҳи монополия ва Вазорати таълими халқ вазифадор карда шуданд, ки дар давоми як моҳ сохтори шаффоф ва самараноки омодасозии китобҳои дарсӣ, танқидӣ дида баромадани арзиши аслию паҳнсозии китобҳо ва иҷрои супоришоти давлатиро ҷорӣ намоянд.

### ҚУЛАИҲО БАРОИ ГИРИФТАНИ ПАСПОРТИ БИОМЕТРӢ

***Ҷиҳати расмисозии паспорти биометрии хориҷӣ барои шаҳрвандон як қатор сабукиҳои нав фароҳам оварда шуданд.***

Акнун онҳое, ки ба хориҷ баромаданианд, барои гирифтани паспорти биометрӣ дар асоси тамоюли экстерриториалӣ метавонанд ба Маркази хидматҳои давлатӣ ва ё мақомоти корҳои дохилӣ муроҷиат намоянд. Пур кардани ариза-анкетаҳо дар намуди коғаз пурра барҳам хӯрда, ба ҷои он механизми пурсиши электронӣ ҷорӣ гардидааст.

Баъд аз ин барои гирифтани паспорти ноболиғон дар вазъе, ки падару модари онҳо якҷо муроҷиат менамоянд, розигии аз ҷониби нотариал тасдиқшуда талаб карда намешавад.

Ҳаминро низ ёдовар шуданием, ки аз 1 январи соли равон пардохти ҳақи паспорт аз пештара арзон гардидааст.

**М. ШОДИЕВ, мухбири "Овози тоҷик".**

### ГУРӮҲИ ТОҶИКӢ ДАР ДДБ

***Чи хеле ки пештар хабар дода будем, дар Донишгоҳи давлатии Бухоро баъди чор соли танаффус боз қабули як гурӯҳи тоҷикии забон ва адабиёти тоҷик ба нақша гирифта шуда буд.***

Дирӯз мо ба роҳбари Колл-маркази ДДБ Сулаймон Хӯҷаев муроҷиат карда, натиҷаи онро пурсидем. Вай ҷавоб дод, ки нақша амалӣ гаштааст, яъне 10 нафар бо тарзи грант, 15 нафар бо усули қарордод (шартнома) ҷамъ 25 нафар ба донишгоҳ қабул гардиданд.

**Амрулло АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ФАРҒОНА: ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ТАМОМИ МИНТАҚАҲОИ ВИЛОЯТРО ФАРО ГИРИФТААСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Биёед, сари мавзӯе суҳбатамонро давом диҳем, ки таҷрибаи бағдодиҳои вилоят дар ноҳияи Қува чи гуна пайгирӣ карда мешавад? Шумо манзурамро фаҳмидагистед?

– Чаро не? Албатта, фаҳмидам. Масъалаи бо манзил таъмин кардани як қишри калони аҳолӣ дар ноҳияи мо аз вазифаҳое маҳсуб меёбад, ки иҷрояш ногузир аст. Агар дар солҳои 2017-2021 ҳудуди 17 хонаи бисёрошёна сохта шудаву дар он аъзои 544 хонавода барои зиндагии орому осуда фаро гирифта шуда бошанд, танҳо соли равон бар асоси дастури Президенти мамлакат ва пуштибонии ҳомиёни сахӣ хонаҳои зиёди бисёрошёна сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор коҳиш медиҳем, ки яке аз рукнҳои асосии фаъолиятҳои имрӯзаи роҳбарони ниҳодҳои давлатӣ, аз ҷумла ҳокимияти маҳаллиро ташкил менамояд,– мегӯяд Ҳалимҷон Умаров.

Вай қайд намуд, ки агар кас ҷило ва шукӯҳи Ўзбекистони Навро дар ноҳияи Қува донистанӣ бошад, ба мавзеъҳое ташриф оварад, ки дар пайравӣ бо ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Гулистони ноҳияи Бағдод барпо мегарданд. Одамони зиёд аз сиёсати Президенти мамлакат хурсанду хушҳоланд, зеро дар биноҳое зиндагӣ мекунанд, ки чандин наслу авлод ҳатто онро орзу намекарданд ё амалӣ шудани онро аз имкон берун мешумориданд.

– Ҳувайдост, ки имрӯзҳо кори асосии ҳокимиятҳои сӯмӣ ёрии моддӣ таъмин карда шуданд. Як қисми оилаҳои камбизоат ба далели ҳаёти мӯътадил аз "Дафтари оҳанин" хориҷ карда шудаанд. Дар ин маврид қарори депутатҳои халқи Шӯрои ноҳия содир шуда, ризоияти худи аъзои ин хонаводаҳо низ ба назари эътибор гирифта шудааст. Дар натиҷа ҳудуди 2 ҳазор оила аз шумори оилаҳое маҳсуб меёбанд, ки аз ин дафтар ихроҷ карда шудаанд. Дар ҳамин ҳол онҳо машғули корҳое мебошанд, ки аз ҳамон ҳисоб даромади доимӣ ба даст оварда, маишати хонаводигии худро таъмин мекунанд.

– Дар ҳар сурат бо ҷои зист таъмин кардани одамоне, ки худашон аз имкониятҳои иқтисодии сохтани манзил маҳрум мебошанд, аз







додем. Дар ин шумор як қисми сокинони ин хонаҳои наву замонавиро аъзои хонаводаҳои камбизоат ва маълӯлу имкониятҳояшон маҳдуд ташкил мекунанд,– иброз намуд Ҳалимҷон Умаров.

Гуфта мешавад, ки дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Турк корҳои сохтмонӣ беш аз пеш вусъат пайдо намуданд, дар натиҷа 40 бинои панҷошёна ба оҳистагӣ дар ин минтақаи ноҳия қомат афрохта, ба ҷои сукунати доимии мардуми зиёд мубаддал шудааст, теъдоди умумии он бештар аз ду ҳазор хонавода мебошад. Дар ин мавзеъ мактаби нав, муассисаи таълими томактабӣ, муассисаи тиббӣ, маҷмӯи варзишӣ ва тиҷоратӣ низ арзи вуҷуд мекунанд.

– Ҷанбаи хурсандибахши ин корҳо бо татбиқи лоиҳаҳои васеъмиқёс бо ҷои кор таъмин шудани як қишри калони ҷавононе низ мебошад, ки маҳз соҳаҳои маориф, томактабӣ ва тиббиёту варзишро хатм карда баргаштаанд. Бештари ҷои корро занону духтарон дар ҳамин ҳол ишғол кардаанд, ки як теъдоди онҳо кор меҷустанд. Татбиқи лоиҳаҳои тахти назар минбаъд низ мусоидат хоҳанд кард, ки ба сифати коргари техникӣ ва оддӣ як қисми калони аҳолӣ дар ин ҷо ба меҳнати доимӣ фаро гирифта шаванд. Ба ин васила мо бекориро то андозае маҳаллӣ фароҳам овардани ҷойҳои бештари кор мебошад. Мо сол аз сол ба он ноил мешавем, ки сатҳи бекориро дар ноҳия, хусусан рустоҳо коҳиш дода равем. . Агар андак ба ақиб баргардем, чунин мисол оварданам мумкин аст, ки 1 ҳазору 46 нафар ба наздикӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба кор ҷалб карда шуданд. Бо хоҳиши худ аъзоёни баъзе хонаводаҳо ба парвариши гӯсфанд машғул шуданд. Дар ин миён 178 нафар хоҳиши ба паррандапарварӣ машғул шуданро дар миён гузоштанд ва ин хоҳиши онҳоро қонеъ гардонидем. Гузашта аз ин, 174 хонавода дар гармхонаҳое машғул ба фаъолият ҳастанд, ки бунёди он аз ҳисоби маблағҳои субсидия сурат гирифтааст, – иброз дошт Ҳалимҷон Умаров

Иҷрои фармону қарорҳои Президенти давлатамон ва фармоиши Девони Вазирони ҷумҳурӣ низ дар ин ноҳия сари вақт таъмин карда мешавад. Аз ҷумла, мувофиқи фармони рақами 6038-и Сарвари давлат барои аъзои 1 ҳазору 600 оилаи камбизоат ба миқдори 220 ҳазорсӯмӣ ба ҳайси ёрии моддӣ маблағ пурдохт намудаанд. Ҳаҷми умумии ин кумакҳои моддӣ бештар аз 2 миллиард сӯми нақдро ташкил додааст.

Гуфта шуд, ки бар асоси қарори Девони Вазирон 669 оила бо маблағи 500 ҳазор вазифаҳои иҷрояш ногузир дар ноҳияи мо қарор гирифтааст. Дар се соли охир 17 хонаи бисёрошёна сохта шуд ва дар он аъзои 544 хонавода зиндагӣ мекунанд. Гузашта аз ин, танҳо дар соли равон бо ташаббуси ҳокимияти ноҳия ва пуштибонии ҳомиёни саховатманд аъзои 12 хонаводаи камбизоат ба хонаҳои нав кӯчиданд, – мегӯяд Ҳалимҷон Умаров.

Дарвоқеъ, аксари хонаҳои наву замонавии истиқоматӣ бо чунин маводи сохтмонӣ бунёд карда шудаанд, ки дар фасли гармо ба одамон роҳату салқинӣ мебахшад ва дар фасли сармо одамон бе мушкилӣ метавонанд хонаҳои худро гарм кунанд.

Гузашта аз ин, аксарияти хонаҳои баландошёнаро соҳибкорон бо маблағҳои шахсии худ месозанд, ба ин далел онҳо талош мекунанд, ки ин хонаҳо аз ҳар ҷиҳат барои зиндагӣ мувофиқу қулай бошад. Масъалаи бо коммуникатсияҳои гуногун таъмин намудани онро низ аз пеш барномарезӣ кардаанд, то ки баъди баҳрабардорӣ таъмини ин хонаҳо бо обу газ, барқ ва амсоли он сокинонашро ба азифту сарсонӣ мувоҷеҳ нанамояд.

Сафарамонро ба самти ноҳияи Қӯштеппаи вилоят идома медиҳем. Дар ҳамин ҳол маркази маъмурии он– шаҳраки Лангар ба таври шинохтанашаванда тағйир ёфтааст. Дар ин ноҳия низ корҳои сохтмонии як қатор хонаҳои истиқоматии намунавӣ анҷом пазируфтааст. Дар баъзе минтақаҳо бошад, корҳои сохтмон босуръат идома дорад. Ҳамаи хонаҳои истиқоматӣ бар асоси лоиҳаҳое бунёд карда мешаванд, ки дар баробари таъмини аҳолӣ бо манзил ба минтақаҳои бошукӯҳ табдил меёбанд.

– Аз сиёсати башардӯстонаи Президенти мамлакат мардуми ноҳияи мо хеле хурсанданд. Анҷоми корҳои зиёде, ки дар дувуним– се соли охир боварӣ ва эътимоди мардуми моро ба фардои дурахшон боз бештар мустаҳкам намудааст. Онҳо аз шароити зисти беҳтарин бархурдор мешаванд, ки натиҷаи ҳамин сиёсат мебошад, – мегӯяд ҳокими ноҳияи Қӯштеппа Илёсбек Новиков.

– Бар асоси лоиҳаҳои наву замонавӣ, ки сохтани хонаҳои арзонро пешбинӣ намудааст, дар чанд шаҳраку деҳ бештар аз 90 хонаи истиқоматии сеутоқаи якманзила ва дорои ду сотих замини наздиҳавлигӣ сохтаву мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. То нимаи аввали соли равон ин нишондиҳанда ба чанд карат афзоиш ёфт ва садҳо одамон ба хонаҳои худ кӯчиданд.

– Рӯзмарра дар мо маросими бӯрёкӯбон ба вуқӯъ мепайвандад. Ин аз суннатҳои деринаи мардуми мост, ки бидуни пиёда кардани он соҳибон ба ҳамон хона даромада зиндагӣ намекунанд. Дар радифи он як бинои дуошёна барои 16 хонавода, ду бинои сеошёнаи дорои 18 хона, як бинои чаҳорошёна барои 24 хонавода низ дар ихтиёри 166 оила қарор дода шуд, – мегӯяд Илёсбек Новиков.

Вай меафзояд, ки дар мавзеи Хумдони ноҳияи онҳо, ки ба сектори прокурори ноҳия тааллуқ дорад, аз соли 2017 то кунун чандин бинои ду ва сеошёна бунёд гардидааст ва ба ин васила эҳтиёҷи оилаҳои қишри ниёзманд рафъ шудааст. Ҳокими ноҳияи Қӯштеппа иброз намуд, ки сол аз сол теъдоди хонаҳои наву замонавӣ дар минтақаҳои гуногун пайдо шуда, ба шукӯҳи он шукӯҳи тоза зам менамоянд. То соли 2022 ба таври иловагӣ боз ҳудуди 230 хонавода бурёкӯбон кардаанд

– Ин маросимҳоро мардуми мавзеъҳои Қамиштеппа, Хумдон ва Дурмон баргузор намуданд, – мегӯяд Илёсбек Новиков.

Айни ҳамин манзараҳои ҷолибро дар шаҳри куҳану тозабунёди Марғелон низ дидан мумкин аст. Дар ин шаҳр баъди он ки ҳафт бинои панҷошёнаи замонавӣ сохта ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, сесаду ҳаштод хонавода бо шодиву сурур ба ин хонаҳо кӯчид. Яке аз ин хонаҳои баландошёна дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи "Зӯҳро"-и шаҳр қомат афрохтааст.

Гуфта мешавад, ки дар сохтани хонаҳои истиқоматии ин ҷамоат, воқеъ дар мавзеи Бофандагон саҳми корхонаҳои сохтумонии "Водийпарсервис" ва корхонаи сохтумонии Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди "Ҷорий қурилиш сервис" хеле калон мебошад.

Тавре ки ҳокими шаҳри Марғелон Адҳам Зиёвиддинов ба мухбири "Овози тоҷик" гуфт, дар панҷ соли охир вусъати корҳои азим то андозае дар ин шаҳри куҳан доман фарох намуд, ки назирашро дуним даҳсолаи гузашта одамизот надида буд.

– Мо вазифа ва масъулияти худро хеле хуб дарк мекунем. Ҳарчи мекунем, барои мардуми худ армуғон месозем, – изҳор намуд Адҳам Зиёвиддинов.

Дар айни ҳол корҳои сохтану мавриди баҳрабардорӣ қарор додани хонаҳои истиқоматии баландошёна ва иншооти иҷтимоии мавриди эҳтиёҷи сокинони он дар шаҳру ноҳияҳои дигари ин вилоят бо суръат пеш меравад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

**Суратгир:**
**М. ҚОДИРОВ (ЎзА).**

# САЛОМ МАКТАБ...

***Дар қатори мактабҳои дигари ҷумҳурӣ саҳни мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 9-уми ноҳияи Бӯка низ ранги дигар гирифта буд. Ҳамаи хонандагон, падару модарон ва омӯзгорон сӯи дабистон мешитофтанд, то ки аз чорабинии оғози соли хониши нав "Рӯзи дониш" ва ё рӯзи "Занги аввалин" дер намонанд. Дар ин рӯз ҳамсинфон, дӯсту дугонаҳо, ба қавле, хумори семоҳаи дидори ҳамдигарро мешикананд. Хурсандии хурдсолон, хонандагони синфи якумро ҳадду каноре нест.***

Ҷонишини директори мактаб оид ба корҳои маънавият Холиқбердӣ Додобоев хонандагонро бо оғози соли нави хониш табрик гуфт. Падару модаронро хайру мақдам гуфта таъкид кард, ки баробари соли хониши нав ба фарзандони худ эътибори алоҳида диҳанд, бесабаб ба мактаб наомадан, ба аз ёд кардани машғулиятҳои дарсӣ дар хона шароит фароҳам овarданашонро алоҳида иброз дошт. Омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик Сулаймонбек Содиқов иштирокдоронро бо ҷашни 31-умин солгарди Истиқлолияти Ҷумҳурии Ўзбекистон табрик гуфт. Дар бораи бурдбориҳои шогирдони мактаб, довталабон ҳарф зад. Баъд аз он бо иштироки маъмурияти мактаб тӯҳфаҳои Президент: ҷузвдон ва лавозимоти хонишӣ ба хонандагони синфи якум ботантана супурда шуданд.

– Дар соли хониши 2021-2022 мактаби моро 21 нафар хонандагон хатм карданд, ки қариб 13 нафарашон ба донишгоҳҳои Ўзбекистону Тоҷикистон дохил шуданд, – мегӯяд Холиқбердӣ Додобоев. – Дар соли нави хониш 30 нафар хонандагон қадами худро ба даргоҳи маърифат монданд, ки имрӯз ба хурсандии "хонанда" шудани онҳо ҳар яки мо шарик шудем. Алҳол дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 9-уми деҳаи мо 256 нафар хонандагон таълиму тарбия мегиранд. Ният дорем, ки дар соли хониши ҷорӣ низ бо шогирдони худ дар олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳои интеллектуалӣ ва варзишӣ ҷойҳои намоёнро ба даст оварем.

– Боварам намеояд, ки аллакай имрӯз фарзанди ман хонандаи синфи 1-ум шуд, – мегӯяд Нафиса Боқиева, – ба тӯҳфаҳои Президент ташаккури худро иброз мекунам.

**М. ҚОДИРЗОДА.**
*Вилояти ТОШКАНД.*

***

***Баъди се моҳи таътили тобистона бачаҳо боз ба оғӯши мактаби азизи худ баргаштанд. Вақте ки мадҳияи давлатӣ садо дод, қабл аз ҳама даст рӯи сина монда саф оростанд. Ҳама дар тан бо либоси зебои мактабӣ. Ба хонандагоне, ки нав ба остонаи мактаб қадам ниҳода, акнун ба синфи якум қабул шудаанд, як-як аз ҷониби роҳбарони мактаб тӯҳфаи Президент – сумкаву лавозимоти дарсӣ тантанавор супорида шуд.***

Назар ба маълумотҳо имсол ба синфҳои якуми мактабҳои вилояти Ҷиззах ҳамагӣ 24800 нафар қабул карда шуданд.

Бо супориши Президенти кишвар бекоркунии тарзи иҷораи китобҳои дарсӣ ва аз ин пас ройгон додани онҳо ба мактабиён барои волидайн дар «Рӯзи дониш» тӯҳфаи хеле хуб гардид. Охир, падару модаронро нархи иҷораи китобҳо як андоза нигарон карда буд. Ин ҳол аз ҷониби Роҳбари давлат ба инобат гирифта шуд. Дарҳақиқат, ба гуфтаи Президент «Ўзбекистони Нав аз остонаи мактаб, аз таълиму тарбия оғоз меёбад».

Чаҳ-чаҳи бачаҳо чун булбулакони боғи дониш ба гӯш мерасад. Соли хониш ҳам оғоз ёфт. Ба қавли шоир:

*Эй булбулакони боғи*
*дониш,*
*Шодона таронаҳо*
*муборак.*
*Боз омадааст фасли*
*хониш,*
*Таҳсили нави Шумо*
*муборак!*

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

***

***Имсол дар 1 ҳазору 260 мактаби вилояти Самарқанд дарси нахустин дар мавзӯи «Дар Ўзбекистони Нав халқ азиз, инсон азиз» оғоз ёфт***

Аз субҳи содиқ 773 ҳазору 350 нафар булбулакони боғи дониш ба остонаи мактаб қадам гузоштанд, ки ба онҳо 83 ҳазору 550 нафар омӯзгорон сабақ хоҳанд дод.

Пас аз солҳои тӯлонӣ ниҳоят дар мактаби миёнаи рақами 16-уми ноҳияи Самарқанд синфи тоҷикӣ ташкил шуд.

Гарчанде 346 нафар ба синфи якум омаданд, ҳамагӣ 10 нафар таҳсилро ба забони модарӣ хоҳанд гирифт.

– Сабаб ҳамин, ки падару модарон мехоҳанд, ки фарзандонашон ба забони русӣ ё ўзбекӣ таҳсил гиранд, – иброз дошт яке аз собиқадорони таълими халқӣ Фарида Аҳмадова, – умедворам, ки шумораи онҳо меафзоянд.

Дилором Муродхӯҷаева омӯзгори синфи тоҷикӣ буда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки шогирдонаш шахсони муносиб шуда ба камол расанд.

Боиси хушнудист, ки дар соли хониши нав дар ноҳияҳои Ургут, Нуробод, Тайлоқ ва шаҳри Самарқанд низ синфҳои тоҷикӣ ташкил шуданд.

Ин ҳама сиёсати дурандешона ва хирадмандонаи сарвари давлатамон мебошад, ки ҳар як шахс метавонад ба забони модарии худ дониш гирад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти**
**Самарқанд.**

***

***Дар вилояти Фарғона ҳамеша ба маросими "Рӯзи дониш" ҷиддан омодагӣ мегиранд. Имсол низ чун анъана дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоят маросими "Занги аввал" бо шукӯҳи хос баргузор гардид. Инро метавон дар мисоли ноҳияҳои Риштон ва Сӯх дид.***

Муассисаи таҳсилоти умумии рақами 11-уми ноҳияи Риштон яке аз муассисаҳои пешсаф дар ноҳия мебошад. Соли таҳсили 2021-2022 Азимхоҷа Каттабеков ва Диёрахон Эргашалиева маҳз ҳамин даргоҳи маърифатро бо шаҳодатномаи аъло ва хулқи намунавӣ хатм кардаанд. Ҳарду бо супурдани имтиҳонҳои дохилшавӣ аз тариқи онлайн ба якчанд донишгоҳи ватаниву хориҷӣ дохил шудаанд.

Манзараҳои дилфиребi "Занги аввал" дар сӣ мактаби таҳсилоти умумӣ, се мактаби иқтидорнок ва як мактаби Авлоди баркамоли ноҳияи Сӯх ба вуқӯъ пайваст. Дар ин ноҳия ба муносибати "Рӯзи дониш" таҳти сарпарастии шӯъбаи таълими халқ маросимҳои бошукӯҳ баргузор гардидаанд.

Тавре ки иҷрокунандаи мудири шӯъбаи таълими халқи ноҳия Ҳабибҷон Ҷӯраев гуфт, 1 ҳазору 419 омӯзгор ба фарзандони мардум таълиму тарбия медиҳанд, ки 283 нафари онҳоро занҳо ташкил мекунанд. Ҷамъи донишомӯзони муассисаҳои таълимии ноҳия, ки ба феҳрастҳо ворид шудаанд, ҳудуди 18 ҳазору 100 нафар мебошад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# НАХУСТИН ДОНИШГОҲИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ САМАРҚАНД

***Дар Донишгоҳи навтаъсиси байналхалқии технологии Самарқанд, ки муваққатан дар бинои омӯзишгоҳи нақлиёт ҷойгир аст, анҷумани матбуотӣ баргузор гардид. Дар он профессору докторони фанҳои техникӣ аз хориҷ ширкат варзиданд.***

Анҷуманро ректори донишгоҳ, доктори фанҳои педагогӣ, профессор Юсуф Абдулло ҳусни ифтитоҳ бахшида, иброз дошт, ки бо сиёсати дурандешона ва хирадмандонаи сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев ба ривоҷу равнақи илму дониш диққату эътибори махсус дода мешавад.

– Ғояи таъсис ва ташкили донишгоҳи мазкур, ки таҳсилоташ ба забони англисӣ аст, соҳиби ширкати Eriell Group Бахтиёр Фозилов мебошад, — гуфт Юсуф Абдулло. – Маҳз ҳамин ширкат дар Самарқанд бинои наву мӯҳташами аэропорт, шаҳраки абадии лаби кӯли заврақронӣ ва бисёр хонаҳои истиқоматиро бунёд намуд.

Ҳоло дар шаш гектар майдони шафати дарёи Зарафшон сохтмони бинои донишгоҳ оғоз ёфтааст, ки барои ҳазор нафар донишҷӯ пешбинӣ шудааст.

Дар ин ҷо китобхонаи сеошёна, майдони варзишӣ, ташхисхона, хобгоҳ барои 300 нафар донишҷӯ бунёд мешавад.

Имсол дар мактаби олии мо гурӯҳҳои тайёр кардани довталабон амал мекунад, ки пардохти ҳаққи хидматрасонӣ аз 500 ҳазор сӯм беш нест .

Аз соли нави хониш таълими бакалаврӣ ҷараён мегирад. Имтиҳони қабул аз фанҳои математика ва забони англисӣ аст. Дар ин ҷо устодони ботаҷрибаи хориҷӣ сабақ медиҳанд, ки барои он бо бисёр донишгоҳҳои пешсафи Амрико, Аврупо, Осиё, Австралия шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расид.

– Таҷрибаи 150-солагии худро бо донишгоҳи навтаъсиси Самарқанд баҳам дидан барои мактаби олии Колорадо бахти бузург аст, – гуфт профессор, доктори фанҳои техникии Донишгоҳи Колорадо Ҷон Брэдфорд, ки барои таҳсилдиҳӣ аз фанни технологияи коркарди газ даъват шудааст, – университети мо нуфузи ҷаҳонӣ дорад, ки ҳоло донишҷӯёни донишгоҳи навтаъсис аз таҷрибаи он баҳра мебардоранд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

# СИНО ВА МЕНДЕЛЕЕВ ДАР МАКТАБИ МАХСУС

***Супурдани ҳуҷҷатҳо барои соли таҳсили 2022-2023 ба мактабҳои ихтисосондашуда-такягоҳии назди Агентии муассисаҳои таълимии президентӣ, яъне мактабҳои махсусе,ки ба номҳои Муҳаммад ал-Хоразмӣ, Мирзо Улуғбек ва Абӯалӣ ибни Сино гузошта шудаанд, аз 1 июл то 20 июл дар шакли онлайн сурат гирифт ва дар асоси озмун беҳтарин донишандӯзон аз ҳудудҳои гуногуни ҷумҳурӣ ба онҳо қабул карда шуданд.***

Дар мактаби ихтисосондашудаи ба номи Сино низ, ки дар он фанҳои кимё ва биология амиқ омӯзонда мешавад, занги аввал мутантан садо дод. Қабл аз оғози дарсҳо дар мавзӯи истиқлолият дар саҳни мактаб ҷамъомади идона баргузор гашт. Хонандагони синфҳои болоӣ бо кӯмаки моддаҳои кимёвӣ машғулоти амалӣ намоиш доданд. Иҷрои нақшҳои Сино ва Менделеев дар баромади саҳнавӣ ба ҳозирон таасуроти хуб гузошт.

Мактаби мазкур дар соли таҳсили нав 120 нафар хонандаро ба синфи ҳафтум қабул намуд. Дар ин ҷо асосан бачаҳое таҳсил менамоянд, ки оянда шифокор шуданианд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**




# ДАСТУРИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

**(Дар ҳошияи китоби “Инсони комил ва ахлоқи ҳамида”-и Наҷмиддин Рашидов)**

*Бе тарбияте ниҳоли наврас,*
*Ҳаргиз самари накӯ наорад.*
*Аз хок намедамад гиёҳе,*
*То дона дар он касе накорад.*

Чаро мо суханамонро аз ин шеър, ки муаллиф китобашро бо он ба охир расонидааст, оғоз кардем. Чаро ки ҳадафи асосии муаллиф дар навиштани ин китоб асосан ҳамин аст. Ӯ мехоҳад, ки шогирдонро ҳамчун падари меҳрубон ва устоди нуктадон таълиму тарбия кунад.

Рисолаи Наҷмиддин Рашидов “Инсони комил ва ахлоқи ҳамида” (Тошканд: “Тафаккур авлоди”, 2022) ба дастам расиду дарҳол ба мутолиааш оғоз кардам. Баъд аз мутолиаи китоб лозим донистам, ки ҳар як ҷавон ва донишҷӯйи имрӯза бояд аз он бархурдор бошад. Азбаски камина ба донишҷӯёни филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз аз фанни адабиёти тасаввуф дарс мегӯям, имрӯзҳо китоби мазкурро ҳамчун дастури таълиму тарбия ба дарсҳо гирифта медароям ва порчаҳоеро аз китоб ба донишҷӯён хонда фикри онҳоро оиди масъалаи чӣ тавр ба камолот расиданро мегирам. Ба ростӣ, аз бозе, ки ин китоб ҳамроҳи ман асту дар дарсҳои тасаввуф ҳамчун як дастури таълиму тарбия аз он истифода мебарам, дарсҳоямон шавқовару баҳсноктар мегардад.

Одати ҳамагон аст, ки чун китоби наве дастрасамон гардад, аввал ба мундариҷааш чашм медавонем. Аз мундариҷаи китоб маълум аст, ки хонданӣ аст ё не.

Муаллиф ба мафҳуми “Инсони комил” шарҳҳои нисбатан содаву оммафаҳм овардa, нуктаи муҳимеро таъкид мекунад, ки моро аз иштибоҳи шинохти инсонҳои комил бозмедорад.

Муаллиф ба ибораи инсони комил шарҳу тафсир дода, фикрҳои худро бо мисраъҳои шоирони бузурги форсу тоҷик, хусусан, асари “Инсони комил”-и Шайх Азизиддин Насафӣ тақвият ва исбот бахшидааст.

Рисола ҳаҷман хурд бошад ҳам, дар он маъноҳои бузург ҷойгир шудааст. Дар он масъалаи аз ҳама муҳими ҷамъияти инсон гап меравад. Муаллиф аз фикрҳои пурпечутоби худ ба хулосае омада таъкид мекунад: “Дунёи имрӯза бо ҳамаи хубию бадиҳояш исботи он аст, ки тарбияти ҷавонон дар ҷамъият бояд дар мадди аввал бошад. Дониши маърифатии одамон, махсусан насли наврас, маданият, илм, ғурури миллӣ, дин дар ҷамъият бояд мавқеи аз ҳама боло дошта бошанд ва, умуман, бояд ин муаммо ба сатҳи давлатӣ бардошта шуда, ҳал карда шавад ва аз масъалаҳои иқтисодӣ болотар ҷой дошта бошад”.

Ниҳоят, ин суханони охири китоб нафақат ман, балки ҳар як хонандаи ин китобро ба андеша кардан даъват мекунад. “Инсони дорои хулқи ҳамида албатта фарзанди лоиқу фахри ватанаш мегардад. Фарзандони мо мӯҳтоҷи тарбияанд. Бояд онҳоро дар хона, дар мактаби миёна ва олӣ ва умуман дар ҷамъият аз таълиму тарбия дур насозем ва ба сӯйи камолот ҳидоят намоем. Ба ин хотир бояд аз усулҳои дарс, намоиши филмҳо, суҳбатҳо бо инсонҳои шинохтаву фарҳехта ва ғайра истифода кунем.

Инсон бояд дар қалбаш инқилобе кунад. Ба худ пас гашта, аз ҳавову ҳавасҳо покиза шуда, нафсашро пок сохта, кибр, нотавонӣ, чашмгуруснагӣ ва сифатҳои манфиро маҳв намуда, орзу намояд, ки аз саодати тараққиёти маърифаташ роҳате ба даст орад. Дар ин роҳ аз инсонҳои комил, осори пурқиматаш ибрат омӯзад. Донаҳои тухми комилӣ дар ҳар қалб ҷой дораду беҳаракат аст. Онро бояд бедор намуда, парвариш намуд. Фақат дар ҳамин ҳолат дона месабзад ва инсон рӯ ба ҳақиқати асил меорад”. (Аз падари бузургвори муаллифи китоб, ки ӯ онро дар охири китобаш овардааст).

Камина ҳамчун як нафар аз мухлисони шеъри нобу мақола ва рисолаҳои Наҷмиддин Рашидов таманно дорам, ки дар баҳри илму ирфон мисли ғаввоси моҳир ҳарчи жарфтар равaду дар қаър дурру марҷони нав ба навро пешкаши аҳли илму адаб намояд.

**Ҷамшед ҶУМЪАҚУЛОВ,**
**устоди кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи ДД Тирмиз.**

# ТАҶРИБАИ ҒИҶДУВОН: «САРМОЯГУЗОРӢ» БА ТАЪЛИМ

***Моҳи августи соли гузашта Шерзод Ашуров ба ноҳияи Ғиҷдувон ҳоким таъин гардид. Вай хуб медонад, ки комёбии кулли соҳаҳо пеш аз ҳама ба пуриқтидор ва салоҳиятнок будани кадрҳо вобаста аст. Кадрҳои болаёқат бошанд, дар мактаб тарбия меёбанд. Беҳуда нест, ки сарвари давлат ба ислоҳоти мактабу маориф эътибори аввалиндараҷа медиҳад, зеро давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон ба туфайли ислоҳоти таълим комёб шудаанд. Ҳоким қарор дод, ки ба такмили низоми таълими ноҳия саҳм гузорад. Бо ин мақсад кабинети дар ҳокимият板барояш ҷудогардидаро барои командаи яккачини ташаккулёбандаи олимпиадаи ноҳия дод.***

Сипас байни хонандагони синфҳои ҳафтуми мактабҳои ноҳия аз фанҳои физика, математика дар се марҳила санҷиш баргузор гардид. Ҳамин тариқ 30 нафар талабагони иқтидорноки 67 таълимгоҳи ноҳия ба командаи яккачини олимпиадаи ноҳия қабул карда шуданд. Ҳоло омӯзгорони пуриқтидори ноҳия бо онҳо машғулият мегузаронанд. Баҳри пухта омӯхтани фанҳои физикаю математика ва забони англисӣ ба наврасон кӯмак мерасонанд. Мақсад ин аст, ки талабагон соли аввал бояд дар озмуни ҷумҳуриявӣ комёб шаванд, соли дуюм ғолиби озмунҳои байналхалқӣ гарданд. Албатта, вақт ҳаками одил аст.

***

Бо мақсади таъмини самаранокии таълим бо ташаббуси ҳокимияти ноҳия дар мактабҳо навбатчигии падару модарон ҷорӣ гардид. Бинобар ин волидони ҳар як талаба мувофиқи ҷадвал ба дарсҳо чун назоратчӣ иштирок мекунанд. Дар натиҷа онҳо аз сатҳи дарсомӯзии фарзандашон ва тарзи таълими омӯзгорон огоҳ мегарданд. Ба туфайли ин ҷараён соли хониши гузашта аз 52,5 ҳазор нафар талаба 18 ҳазор нафарашон ба натиҷаи болотари азхудкунӣ ноил шуданд. Онҳо ҳоло ба дарсҳои иловагӣ низ иштирок мекунанд. Дар ноҳия бо мақсади ба аксарият дастрасшавии хидмати репетиторӣ иморатҳои кӯҳна таъмир ёфта, ба ихтиёри онҳо дода мешавад. Илова ба ин, ба онҳое, ки мӯҳтоҷи дастгирианд, хидмати репетитор бемузд аст.

***

Дар ноҳия ба китобхонии наврасон эътибор афзуд. Талабагон ӯҳдадор карда шуданд, ки ҳар моҳ дутоӣ китоби бадеиро мукаммал омӯзанд ва ба саволҳои ҳайати назоратӣ оиди китоби мутолиакардаашон ҷавоби эътимодбахш дода тавонанд. Онҳое, ки ин талабро сарбаландона иҷро кардаанд, аз ҳисоби ҳокимият бемузд ба саёҳат мераванд. Таҳлилҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки 3 ҳазору 362 нафар ҷавонони ғиҷдувонӣ орзуи таҳсил дар мактаби олӣ, 201 нафарашон нияти дар техникумҳо хонданро дошта, 363 нафари дигар соҳаи ҳунаромӯзиро интихоб кардаанд. 564 нафар хатмкунандаи мактаби миёна фикри қатъӣ надоранд. Аз ин рӯ, гурӯҳе аз онҳо – духтарон дар сехи дӯзандагӣ бо кор таъмин карда шуданд. Қисми дигарашон ба соҳаҳои савдо, хидматрасонии маишӣ, ҳунармандӣ, тайёр кардани хӯроку ширинҳо ва ғайра ҷалб карда мешаванд. Дар ин ҷо услуби ҳунаромӯзии «устоду шогирд» нақши асосӣ мебозад.

Дар ноҳия барои фарзандони оилаҳои камдаромад чораҳои дастрасшавии репетиторҳо дида мешавад. Аз ҷумла, омӯзгорони 14 мактаб аз ҷониби репетиторҳои пуртаҷриба хононда шуданд. Ин имконият медиҳад, ки ҳам омӯзгорон ба музди иловагӣ соҳиб шаванду ҳам талабагони мактаб дар таълимгоҳи худ бо музди ночиз дониши хеш афзоянд. Ба ҷустуҷӯҳои эҷодии соҳаи таълим – таҷрибаи ғиҷдувониён акнун як сол шуда бошад ҳам, вай аллакай диққати атрофиёнро сӯйи худ мекашад. Ба қарибӣ дар ноҳия озмуни «Мусаввирони ҷавон» ба амал омад. Дар он бештар аз 500 нафар эҷодкорон иштирок карданд. Ин ҷо бори аввал тасвирҳо ба тарзи музояда фурӯхта шуданд. Ҳамин тариқ, бештар аз 300 кори эҷодӣ, қариб 20 миллион сӯм даромад овард.

Директорони мактабҳое, ки ба натиҷаҳои назаррас соҳиб шудаанд, ҳавасманд гардонда шуданд. Ба онҳо ба сиҳатгоҳ роҳхат дода шуд. Се нафар директороне, ки мувофиқи ҷамъбасти сол ба натиҷаҳои беҳтарин ноил гардидаанд, ба саёҳати хориҷи кишвар фиристода шуданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ЗАНГИ АВВАЛ – ДАЪВАТ БА ДОНИШ

***Чун ҳамасола пас аз ҷашни аз ҳама бузург ва аз ҳама азиз – Истиқлолияти давлатии мамлакат 5 сентябр дар тамоми мактабҳои таълими ҳамагониву миёнаи махсус ва олии кишвар соли хониши нави 2022-2023 оғоз ёфт. Он рӯз хонандагон ва донишҷӯён боз ба дидори ҳамдигар расиданд ва бо мақсадҳои нек дастҷамъона соли нави хонишро оғоз карданд.***



Хурсандии наврасоне, ки қадами аввалини худро ба синфи 1-ум гузоштанд, ҳадду канор надошт. Чунин хурсандиро дар саҳни мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 34-уми деҳаи тоҷикнишини Сентоби ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё низ мушоҳида кардан мумкин буд. Дар ҳавлии мактаб хонандагон ва омӯзгорони дабистон ҷамъ омаданд. Пас аз суханронӣ ва табрикоти омӯзгорону роҳбарияти мактаб аз ҷониби хонандагони синфи 1-ум «занги аввал» садо дод. Истиқлолият, сулҳ, осоишу оромӣ, Ватан ва ватандӯстӣ аз мавзӯъҳои асосии дарси аввал буд.

– Дар соли нави хониш 47 нафар хонанда ба синфи 1-ум қабул гардид. Ба онҳо аз ҷониби шӯъбаи таълими халқи ноҳия тӯҳфаи Президент супорида шуд. Дарвоқеъ, солӣ ҷорӣ аз 43 нафар довталабони мактаб 14 нафар хонанда ба донишкадаҳои мамлакат дохил шуданд, – гуфт директори мактаб Ҳамзахол Юлдошев. – Соли хониши 2022-2023 дар мактаби мо ҷамъ 490 нафар хонанда таҳсил мегиранд, ба онҳо 75 нафар омӯзгор таълиму тарбия медиҳанд. Фикр мекунам, соли хониши ҷорӣ низ мувофиқи нақша идома хоҳад кард.

Дар замони тараққиёти илму техника мувофиқи барномаҳои такмилёфтаи хониш ба насли наврас таълиму тарбия додан, тайёр намудани кадрҳои соҳибмалака аз вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин дар ҷумҳурӣ дар ҷараёни таълиму тарбия ба татбиқ намудани маводҳои мултимедӣ ва технологияи навтарини ахбор, нав кардани мазмуни таълим ва барномаҳои хониш, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ва ғайра эътибори алоҳида дода мешавад. Дар ин бобат қонунҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи таълим» ва «Дар бораи Барномаи миллии тайёр кардани кадрҳо» нақши алоҳида мебозанд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти СИРДАРЁ.*

*Суратгир: муаллиф.*

# БУЗУРГОН ДАР БОРАИ УСТОД, ОМӮЗГОР ВА МУРАББӢ

Ба зиммаи муаллим вазифаи беҳтарин гузошта шудааст, ки болотар аз он дар зери осмон чизе буда наметавонад.

**(Ян Амос Каменский)**

***

Муаллимон беҳтарини одамонанд. Ба онҳо маош диҳед. Зеро онҳо фарзандони шуморо таълим медиҳанд ва ба ин восита шумо, падару модар ва хешу ақрабоятонро аз оташи дӯзах раҳоӣ мебахшанд.

**(Аз «Ҷомеъ-ус-саҳеҳ»-и Ал-Бухорӣ)**

***

Муаллимӣ шуғл нест, ишқ аст. Агар онро чун воситаи рӯзгузаронӣ интихоб намудаӣ, раҳо бикун. Агар ишқи туст, муборак бошад.

**(Муҳаммади Риҷоӣ)**

***

Ба ҳар шогирд бояд бино ба завқу истеъдодаш саноат (санъат, ҳунар) омӯхт, вагарна таълиму тарбия натиҷаи матлуб намедиҳад.

**(Абуалӣ ибни Сино)**

***

Беҳтар он аст, ки табиати кӯдакро ба назари эътибор гирем, яъне гили истеъдоди ӯ бо чӣ сиришта шудааст, баъд вайро ба ин ё он навъи ҳунар машғул гардонем. Зеро ҳама ба ёд гирифтани ҳама чиз истеъдод надорад.

**(Хоҷа Насриддини Тӯсӣ)**

Тарҷума ва таҳияи
**А. КОМРОН.**

# СОЛИ ХОНИШИ НАВ ДАР БИНОИ НАВИ МАКТАБ

***Дар 65 мактаби таълими умумии ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах таҳти шиори “Дар Ӯзбекистон халқ азиз, инсон азиз” чорабиниҳои занги аввал баргузор гардид.***

Дар мактаби миёнаи рақами 12-уми маҳаллаи Қӯлба, ки аз маркази Фориш он қадар дур нест, занги аввал ботантана садо дод.

– Дар 65 мактаби миёнаи ноҳиямон 15 ҳазору 525 нафар хонанда мехонад ва ба онҳо 1 ҳазору 600 нафар омӯзгор таълиму тарбия медиҳад, – мегӯяд мудири шуъбаи таълими халқи ноҳия Собир Ваққосов. – Дар соли хониши нав 1 ҳазору 838 нафар хонанда ба синфи якум қадами аввалини худро гузоштанд.

Хонандагони мактаби рақами 20-уми деҳаи Анамуна, рақами 22-юми Сайёд, рақами 72-юми ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Қарабдол” соли хониши навро дар биноҳои нави замонавӣ оғоз намуданд. Ғайр аз ин, 14 филиал, ки бо роҳи ҳашар аз гилу похса сохта шуда буданд, тамоман вайрон карда, аз хишти пухта сохта шуданд. Дар паҳлуи бинои мактаби рақами 20-ум бинои нави дорои 120 ҷой бунёд ёфта, филиали мактаб, ки дорои 24 ҷой мебошад, аз нав таҷдид гардид.

– Барои бинои мактаби мазкур 2 миллиарду 107 миллион сӯм маблағ сарф гардид, – мегӯяд директори мактаби таълими умумии рақами 20 Ҷамшед Сувонов. – Хонаҳои фаннӣ, лаборатория, синфхонаҳо, китобхона, маҷлисгоҳ, хонаи муаллимон пурра ҷиҳозонида шуда, бухориҳои ангиштсӯз гузошта шуданд. Барои хониши нави хонандагон тамоми қулайиҳо офарида шуданд.

**А. ҚАЮМОВ,**
**мухбири ӮзА.**

# ҶАВОНОНИ ХУШБАХТИ ВАТАН ҲАСТЕМ

***Тӯли чанд соли охир аз ҷониби Президент доир ба куллан такмил додани низоми таълим қарору фармонҳои созанда ба тасвиб расиданд.***

Фармону қарорҳо “Дар бораи чорабиниҳо доир ба куллан такмил додани идораи низоми таълими томактабӣ”, аз 30 сентябри соли 2017, “Дар бораи такмил додани тартиби гузарондани озмоишҳои дохилшавии тест ба бакалавриати муассисаҳои таълими олии ҷумҳурӣ”, аз 16 ноябри соли 2016, “Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ доир ба баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таълими олӣ ва таъмини иштироки фаъоли онҳо дар ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар мамлакат тадбиқ мешаванд”, аз 5 июни соли 2018, “Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ доир ба такмил додани низоми таълими касбӣ”, аз 6 сентябри соли 2019, “Дар бораи тасдиқ намудани консепсияи рушди низоми таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон то соли 2030”, аз 29 апрели соли 2019 ва ғайра ба куллан тағйир ёфтани низоми таълим дар кишварамон хидмат мекунанд.

Суханони роҳбари давлат “Ӯзбекистони Нав аз остонаи мактаб, аз низоми таълиму тарбия шурӯъ мешавад” ба ҳар як омӯзгори мактаби олӣ ва миёна бояд дастурамали муҳим гардад.

– Соли 2004 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ дар оилаи деҳқони оддӣ дида ба дунё кушодам. Падарам ба боғдорию чорвопарварӣ машғул аст, модарам хонанишин мебошад. Дар мактаби миёнаи рақами 43-юми деҳа аз омӯзгорони ботаҷрибаю фидоии касби худ – Э. Рӯзиев, Н. Солиҳов, Ҳ. Муродов, С. Муродов, Н. Тӯев, Х. Бердиев, Х. Нурназарова ва дигарон таълиму тарбия гирифтам. Маълум аст, ки солҳои охир дар курсҳои тайёрӣ пухта кардани дониши худ барои ҷавонон “урф” шудааст. Деҳаи мо аз маркази шаҳру ноҳия хеле дур. Худи ман имкони ба шаҳр рафта дар курсҳои тайёрӣ хонданро надоштам. Аз ин боис, ҳаракат кардам, ки аз омӯзгори фан дониши пухтаву амиқ гирам. Заҳматҳоям зоеъ нарафтанд, баъди хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳоямро ба гурӯҳи тоҷикии таълими томактабии Донишкадаи омӯзгории Ӯзбекистону Финландияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд супоридам. Бахтам омад кард, дар асоси гранти давлатӣ дохил шудам. Модарам аз ин муваффақияти ман ашки шодӣ рехт, – мегӯяд Лаззат Хидирова. – Аввало ба омӯзгорони азизам, ба роҳбари давлатамон аз номи ҳамсолонам ташаккур мегӯям.

– Оре, Лаззат дуруст мегӯяд. Буданд ҳамсолонамон, ки ба пулу моли волидонашон такя намуда, аз “репетитор” сабақ гирифтанд. Ман ҳам дар оилаи коргари оддӣ ба воя расидам. Барои дар курсҳои тайёрӣ иштирок кардан шароит надоштам. Дониши аз муаллимони ботаҷрибаю сахтгир гирифтаам маро ба номи пуршарафи донишҷӯӣ насиб гардонд. Дар асоси гранти давлатӣ ба гурӯҳи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бухоро дохил шудам. Роҳбари давлат қариб дар ҳар як маърӯзаи худ таъкид менамояд, ки занону духтаронро бештар ба таълим, ба корҳои давлатӣ бояд ҷалб намоем. Инчунин, барои таҳсили мо-донишҷӯён як қатор имтиёзҳо фароҳам оварда шудааст. Мо бояд ҷавобан ба ин ғамхориҳо фарзанди муносиби падару модар, Президент ва халқу Ватан бошем,– мегӯяд хатмкардаи мактаби номбурда Париноз Зайнуллоева.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**

*Бунёдкорони оянда*

# МИРҶАЛОЛ АКНУН ДАР ХОРИҶА МЕХОНАД

***Хурсандиовар аст, ки дар мамлакатамон сафи ҷавонони боиқтидору илмдӯст ва эҷодкор торафт зиёд мегардад. Яке аз чунин ҷавонони боиқтидор Мирҷалол Акрамови 17-солаи чустӣ мебошад.***

Ӯ таълими ибтидоиро дар мактаби миёнаи рақами 9-уми ноҳияи Чуст гирифта, аз синфи 5 дар мактаб-интернати ихтисосонидашудаи давлатии рақами 7 таҳсил гирифт. Бо мақсади мустаҳкам намудани дониши худ синфҳои 10-11-ро дар литсейи академии ихтисосонидашудаи назди Донишгоҳи дипломатия ва иқтисодиёти ҷаҳони пойтахт хонд.

Мирҷалол ба якчанд муассисаи бонуфузи таълими олии ҷаҳон имтиҳон супурда, аз санҷиши 15 донишгоҳ бомуваффақият гузашта, ба миқдори 1 миллион доллари ИМА грант ба даст даровард. Акнун ӯ дар самти идоракунии бизнеси Донишгоҳи Аризонаи Амрико таҳсил хоҳад гирифт.

– Албатта, таҳсилро бомуваффақият ба охир расонда, дониши назарии худро барои ватанам сарф менамоям, – мегӯяд Мирҷалол. – Дар мамлакатамон бо ташаббуси роҳбари давлат барои ҷавонон имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудааст. Суханҳои Президент: “Ба баландиҳо парвоз карданӣ бошӣ, чаро ман дастгирӣ накунам”, ки дар чорабинии “Рӯзи ҷавонон” гуфта буд, дар дили ҳар як ҷавон меҳри ватандӯстиву садоқат ба халқро ҷойгир кард. Дар қатори бунёдкорони кишвари озод, ободу зебо ва фаровони Ӯзбекистони Нав, инчунин Эҳёи сеюм ҳиссаи худро гузоштан ҳаракат мекунам ва аз ин ман фахр мекунам.

Имрӯз хонадони Маъруфҷон Имоматов ва Дилфузахон Ҳайдаровaҳо, ки дар маҳаллаи Дӯстлик истиқомат мекунанд, аз қарибону наздикон пур буд. Онҳо омадаанд, ки Мирҷалолро бо ин муваффақияташ табрик кунанд.

– Ба ҷавонони имрӯза ҳаваси кас меояд, – мегӯяд бобои қаҳрамони мақолаи мо Қамбарота. – Ҳамаи имконият ва шароит барои онҳо муҳайёст. Аз он босамарона истифода баранд кифоя. Тарбияи дуруст ва саривақтӣ, ба роҳи рост ҳидоят намудани фарзанд, албатта, ба падару модар вобаста аст. Набераҳоям дар оила ба забони тоҷикӣ, тавассути телефон бо дӯстону устодонашон ба забони ӯзбекӣ, русӣ, англисӣ ва туркӣ гап мезананд, ки инро бо ҳавас гӯш мекунам. Додарони Мирҷалол Музаффар ва Дилшодбек низ аз пайи бародарашон рафта, якчанд забонро омӯхта истодаанд.

Дарҳақиқат, имрӯзҳо фарзандон – ворисониояндаи мо дар ҳамаи соҳаҳо ҳамнафаси замон қадам гузошта, салоҳият ва иқтидори худро намоён сохта истодаанд, ки ин орзуи деринаи мардуми мо ва Президент мебошад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**

*Вилояти НАМАНГОН.*

**Кишвари мо аз рӯзҳои аввали дастёбӣ ба истиқлолият ба сифати як давлати демократии ҳуқуқбунёд ва инсонпарвар ба таъминоти моддӣ ва маънавии шаҳрвандон эътибори алоҳида медиҳад. Тамоми саъю кӯшишҳояш ба беҳбуди шароити зиндагонии аҳолӣ нигаронида шудааст. Моҳияти ислоҳоти созандаро низ, ки пайгирона ба амал татбиқ мегарданд, беҳбудии рӯзгори аҳолӣ ташкил медиҳад.**

# ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ ҲАМЕША ДАР МАДДИ НАЗАР

Ҳоло дар мамлакатамон асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Ҳамчунин, механизмҳои иловагие рӯйи кор омадаанд, ки дар муайян намудани оилаҳои муҳтоҷу камтаъмин ва расондани хидмати манзилнок ба онҳо кумак мекунанд. Ба ин мақсад сохтори иттилоотии “Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ” ҷорӣ гардидааст, ки ҳоло пурсамар кор мекунад. Ин сохтори электронии байниидоравӣ сари вақт оилаҳои камтаъминро муайян намуда, ба онҳо тибқи тартиби ҷоригардида нафақа ё кумакпулӣ таъин менамояд.

Сохтори иттилоотии “Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ” дар асоси чанд ҳуҷҷати меъёриву ҳуқуқӣ амал мекунад, ки асосашонро Фармони Президенти Ҷумҳурӣ “Дар бораи чорабиниҳо оид ба расондани кумаки моддӣ ба оилаҳои камтаъмин ва мубориза ба камбизоатӣ”, аз 11 августи соли 2021 ва қарори Девони Вазирон “Дар бораи чорабиниҳо доир ба такмил додани сохтори ҳифзи иҷтимоӣ” ташкил медиҳанд.

Падару модарон, одатан, ба мақсади гирифтани нафақа барои фарзандон ва таъмини эҳтиёҷи оила ба ҷамоати шаҳрвандони маҳалла муроҷиат мекунанд. Вале на ба ҳамаи муроҷиаткунандагон нафақа таъин карда мешавад. Дар кадом ҳолат нафақа таъин карда мешавад ё не дар поён шарҳ медиҳем:

а) даромади ҳар як аъзои оила аз миқдори пешбинишуда кам бошад (имрӯз ин даромад, ба ҳисоби миёна, 498 ҳазору 557 сӯмро ташкил медиҳад). Дар ин ҳолат даромади умумии муроҷиаткунанда аз рӯзи муроҷиат бо роҳи ба се тақсим кардани он муайян карда мешавад. Вақти таъин кардани нафақа даромади қитъаи наздиҳавлигӣ, кумакпулиҳои якдафъаина, стипендия, маблағҳои интиқол додашуда ва дигар сарчашмаҳои таъминот дар назар дошта мешавад.

б) бино ба маълумоти тавассути сохтори ахбори электронӣ гирифташуда агар дар ихтиёри аъзои оилаи муроҷиаткунанда як ё аз он зиёд амволи ғайриманқул ва биноҳои иловагии ғайриистиқоматӣ бошад;

в) дар ихтиёри аризадиҳанда ё аъзои оилаи ӯ автомобили ҳолати техникиаш соз (муддати истифодаааш на аз 7 сол зиёд); автомобили боркаш, автобус, микроавтобус, экскаватор, трактор, комбайн, автокран ва дигар техникаи сохтмони ҳолати техникиаш соз (муддати истифодаааш на аз 15 сол зиёд) бошад;

г) агар аз моҳи ариза додан маблағи аризадиҳанда ё аъзои оилаи ӯ дар ҳисобсурати депозити бонкҳои тиҷоратӣ панҷ баробари ҳаддиақалли ҳаққи пардохти меҳнат мавҷуд бошад;

д) агар аризадиҳандагон ва аъзои оилаи онҳо аз моҳи ариза додан дар ихтиёр коғази қиматбаҳо, ба миқдори панҷ баробари ҳадди ақалли пардохти ҳаққи меҳнат дошта бошанд;

е) вақте ки аз ҷониби ходимону хидматчиёни вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, вазъияти фавқулодда, Хидмати бехатарии давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Гвардияи миллӣ, Хидмати бехатарии давлатӣ, Кумитаи давлатии саноати мудофиа ва созмонҳои сохтори онҳо ё аъзои оилаи онҳо (ҳамсару фарзандон), ҳамчунин, нафақахӯрон ариза пешниҳод гардад;

ё) агар судяҳо ва аъзои оилаи онҳо тибқи шартҳои таъминоти иҷтимоӣ, ки бо қарори Девони Вазирон, аз 9 январи соли 2019 ба тасвиб расидааст, бо нафақа таъмин шуда бошанд;

ж) агар аз ҷониби нафаре, ки нафақа ва кумаки моддӣ мегирад ва аъзои оилаи ӯ, бе аризаи такрорӣ, ҳуҷҷатҳо ба нафақа пешниҳод шуда бошанд;

з) агар дар оила аъзое бошад, ки нафақаи бекорӣ мегирад;

и) агар аъзои оилае, ки дар 12 моҳи охир кор ҷустуҷӯ карда истода бошаду пешниҳоди мақбули мақомоти меҳнатро (ду-бор) доир ба кор рад кунад;

й) агар аъзои ба кор қобили оила, бо вуҷуди надоштани манбаи расмии даромад, дар шаш моҳи охир ба мақомоти меҳнат муроҷиат накарда бошад, дар рӯйхати шахсони бо шуғл таъминкунандагон набошад...

Бино ба ҳолатҳои болоӣ талаби шаҳрвандон барои гирифтани нафақа ва кумаки моддӣ ба инобат гирифта намешавад. Вале ин қоида ба шахсони зерин татбиқ карда намешавад:

Агар дар маҷмӯи барномавию дастгоҳии байниидоравии “Сохтори ягонаи меҳнати миллӣ” ба рӯйхат гирифта шуда бошад;

барои модароне, ки бо парвариши кӯдаки то сесола машғуланд (шахсони ивазкунандаи онҳо низ);

ба онҳое, ки дар муассисаҳои таълимӣ бо таҳсил фаро гирифта шудаанд (таълими шабонаю ғоибона аз ин мустасно);

ба нафақахӯроне, ки собиқаи корӣ надоранд, яъне собиқаи кориашон барои таъин кардани нафақаи давлатӣ намерасад, ба инфексияи ВИЧ гирифторшудагон, шахсони 18-солае, ки аз хурдсолӣ маъюби гурӯҳи I ва II мебошанд;

ба аъзои оилае, ки дар амал хоҷагии наздиҳавлигӣ ва деҳқониро ба роҳ мондаанд;

ба модарони (агар модарашон набошанд, ба падарашон) маъюбони то 18-сола, аз он ҷумла, шахсони гирифтори инфексияи ВИЧ доранд, онҳое, ки дар оила бо парвариши маъюбони гурӯҳи I ва пирони то 80-солаи ба нигоҳубин муҳтоҷ машғуланд;

ба аъзои оилае, ки дар хориҷа кор мекунанд ё бо фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд;

ба аъзои оилае, ки дар доираи барномаи “Ҳар як оила – соҳибкор” фаъолият доранду аз рӯзи микрокредит гирифтан бино ба ин дастур 12 моҳ аст, ки фаъолият доранд;

ба аъзои оилае, ки бино ба ҳукми дарамалбудаи суд дар муассисаҳои ҷазо мӯҳлати ҷазоро мегузаранд;

ба аъзои оилае, бино ба даъват дар хидмати ҳарбианд;

ба модарон (падарон)-и танҳое, ки бо тарбияи фарзанд машғуланд, ҳамчунин, занони никоҳашон бекоргардида;

ба оилаҳое, ки манбаи даромади расмӣ надоранд ва дар тӯли як соли охир дар “Дафтари оҳанин” ба рӯйихат гирифта шудаанд...

Вақте ки оилаҳо ба гирифтани нафақа ва кумаки моддӣ сазовор дониста намешаванд, ба аризадиҳанда тавассути сохтори ахбории “Феҳристи ягона” хабар дода мешавад. Дар ин хабар бояд сабабҳои таъин накардани нафақа ва надодани кумакпулӣ шарҳ дода шаванд.

Дар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ додани нафақа ба фарзандон ба муддати 12 моҳ пешбинӣ шудааст. Вале ин нафақа то ба синни ҳаждаҳ даромадани фарзанди хурдтарини оила дода мешавад. Кумаки моддӣ бошад, ба шаш моҳ пешбинӣ шудааст. Вале ин муддат ба охир расад, аризадиҳанда метавонад барои гирифтани нафақа ва кумакпулӣ ба ҷамоати шаҳрвандони маҳалла муроҷиат намояд. Ин муроҷиат муроҷиати такрорӣ ба ҳисоб рафта, ба “Реестри ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ” даровард мешавад. Нафақаи фарзанд ба фарзанди то сесола ба миқдори 325 000 сӯм, барои фарзанди дуюм моҳе 150 000 сӯм, барои фарзанди сеюм ва ҳар фарзанди аз ин миқдор зиёд 100 000 сӯмӣ пешбинӣ шудааст. Агар синни фарзандҳои оила аз 3 сол зиёд бошад, нафақаи фарзанди хурдтарин моҳе 250 000 сӯм, фарзанди дуюм 150 000 сӯм, фарзанди сеюм ва ҳар як фарзанди аз он зиёд 100 000 сӯмиро ташкил медиҳад.

Додани нафақа ва кумакпулӣ ба оилаҳои камтаъмин чунин нозукиҳо дорад. Ман фикр мекунам, барои пешгирии нодурустфаҳмиҳо, бояд дар ҷамъомадҳои ҷамоати шаҳрвандон ин нозукиҳо, ки аз руйи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, ҳаллу фасл гарданд.

**Гулнора МУРОДОВА,**
**роҳбари шуъбаи Фонди нафақаи ғайрибуҷавии ноҳияи Янгиҳаёти шаҳри Тошканд.**

# ИБОРАТ АЗ ГУЛУ РАЙҲОН ВАТАН

*Ғами халқ асли истиқлол*
*бошад,*
*Ҳамоҳангӣ хушистиқбол*
*бошад!*

Мардуми шарафманди диёри мо ҷашни пуршукӯҳу фархунда ва хотирмони истиқлолро таҳти ғояи асосии 31-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар Ӯзбекистони Нав халқ азиз, инсон азиз!» истиқбол намуданд. Ба ҳар ҳол васфи Ватани ҷоноҷону дастовардҳои назарраси онро хотиррасон намудан бароямон корест пурсавоб ва вазифаи шаҳрвандии ҳар яки мост.

Эътироф бояд намуд, ки пас аз соҳибистиқлолиро ба даст овардан дар кишварамон корҳои шоиставу хайрхоҳонае рӯйи кор омаданд. Дар нахуст арзишҳои миллӣ барқарор гардид. Эҳтирому нигаҳдошт ва барқарор намудани ёдгориҳои таърихӣ худ нишонаи гуфтаҳои боло мебошанд. Кушодашавии садҳо корхонаҳои иқтидораш баланд, ҳамкорӣ бо ширкатҳои сернуфузи хориҷӣ, ҷалб намудани сармоядорони хориҷӣ, ободу зебо ва ба таври замонавӣ ривоҷ додани пойтахти кишвар – шаҳри Тошканд ва дигар вилоятҳо ба он оварда расонид, ки рушди иқтисодиёт дар кишвар зина ба зина боло рафт ва имрӯзҳо низ дар арсаи ҷаҳонӣ Ӯзбекистон чун як кишвари тинҷу осоишта ва дорои имкониятҳои баланд вирди забон буда, дар миқёси дунё низ бо роҳи пешгирифтааш ҷойҳои намунавиро ишғол менамояд.

Ӯзбекистони навини мо бо доро будан ба заминҳои зархезу серҳосил, обу ҳавои мусоид ва мардумони меҳнатдӯсту меҳмонпарвараш намунаи ибрати аҳли ҷаҳон мебошад. Ҳамин аст, ки ҳар нафаре ба кишвари мо ба меҳмонӣ ва ё сайёҳӣ меояд, албатта бори дигар ба кишвар қадам ранҷа намуданро ният мекунад. Ин ҳам бошад, барои ҳар як шаҳрванд, барои ононе, ки дар ин диёри биҳиштосо зисту зиндагонӣ менамоянд, бахти нек мебошад.

Пас ин ҷо суоле ба миён меояд. Вазифаи мо шаҳрвандон аз чӣ иборат аст ва ё ин арзишу қадриятҳои истиқлол ба мо ҳадянамударо чи гуна нигаҳ бояд дорем. Дар ҳамин замина гуфтанием, ки дар баробари ифтихор намудан аз Ватани соҳибистиқлолу озоду обод бояд дар навбати аввал дӯстдори ин Меҳани пурқиммат бошем.

Бешубҳа, дӯст доштани Ватан аз оила, маҳаллу гузар ва манзили истиқомативу зодгоҳи кас шурӯъ мегардад. Зеро худ аз худ маълум аст, ки Ватан мову шуморо дар канор гирифт, бо ноз парварид ва баҳри дар ҳаёт қадамҳои устувор гузоштан дари имкониятҳоро боз намуд. Ба қадри ин ғамхориҳое, ки онро ба меҳри модар низ ташбеҳ медиҳанду дар тавъам Ватан-Модар низ ном мебаранд, бояд бирасид. Ватан такягоҳи пурқувват, маъвои беҳтарин ва манзили ободу озоди мост. Ҳар шаҳрванди он бояд фахри бепоён дошта бошад, ки дар чунин Ватане умргузаронӣ менамояд, ки саропо аз гулу райҳон иборат буда, мардумонаш саховатманду хайрхоҳ, меҳмоннавозу инсонпарвар мебошанд. Бар замми ин, кишвари мо дорои неъматҳои фаровон буда, хоки зархези он файзу баракати беканоре дорад. Аз ин рӯ, биёед баҳри ободиву бунёдкориҳои аз ин ҳам азимтар камари ҳиммат бубандем ва аз ҳама муҳимаш доимо дар шарёни мо меҳри Ватани ҷоноҷон ҷӯш занад.

**С. МУҲАММАДҶОН.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Ислоҳоти таълим — дар Ӯзбекистони Нав*

# ДОНИШҶӮ АЗ КУРСИ ДУЮМ

**Мувофиқи қарори махсуси Президент хатмкунандагони техникумҳо бар асоси сӯҳбат мувофиқи самти таҳсил ба курси дуюми муассисаҳои таълими олӣ қабул карда мешаванд.**

Дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд хатмкунандагони техникумҳо дар самтҳои ҳуқуқшиносӣ, инжиниринги барномасозӣ, агрокимиё ва агрохокшиносӣ, ҳифзи растаниҳо, ташкил ва идоранамоии хоҷагии гармхона, экология ва ҳифзи муҳити атроф ва технологияи кимиё аз сӯҳбат гузаштанд.

– Дар техникуми тиббии вилояти Ҷиззах таҳсил гирифтам, – гуфт довталаб Шоҳрух Ӯразматов. – Барои аз сӯҳбат гузаштан тайёрии хуб дидам. Боварӣ дорам, ки донишҷӯи ДДС мешавам. Муҳимаш, имтиҳон шаффоф ва боадолат гузашт. Ба ҳама саволҳо пурра ҷавоб гардонидам.

Дар имтиҳон ғайр аз омӯзгорон, профессорон, вакилони корхонаҳои бузург, мутахассисони институтҳои илмиву тадқиқотӣ, мутасаддиёни садорати адлияи вилояти Самарқанд иштирок намуданд.

Дар ҳамаи хонаҳои имтиҳонсупорӣ навори сабти видео гузошта шудааст. Барои падару модарон дар толор ҷой ҳозир кардаанд, ки онҳо тавассути экран ҷараёни имтиҳонро назорат карданд.

– Хатмкунандагоне, ки бо баҳои хубу аъло семестрҳоро ҷамъбаст намудаанд, ба тариқи онлайн барои аз суҳбат гузаштан ҳуҷҷат супориданд, – иброз дошт директори техникуми агробиотехнологияи Гулобод Ҷасур Абдумаликов, — чанд нафар шогирдони техникум донишҷӯйи Донишкадаи аграрии Тошканд шуданд.

Худи ҳамон рӯз довталабон ба тариқи онлайн аз натиҷаи имтиҳон хабардор гардиданд.

**Дилрабо НАСИМӢ.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Президент ҳангоми мулоқот бо соҳибкорон оиди рушди соҳибкорӣ, корчаллонӣ, фароҳам овардани муҳити тиҷорат ва як қатор ташаббусҳое, ки ба дастгирии фаъолияти тадбиркорӣ нигаронида шудаанд, тавсияҳо дода буд.*

*Мувофиқи ин ташаббус дар маркази ноҳияи Қӯрғонтеппаи вилояти Андиҷон дар асоси лоиҳаи махсус ба барпо намудани «Хиёбони соҳибкорон» оғоз намуданд.*

*Майдони ин хиёбон қариб як гектарро ташкил намуда, аз ҳар ҷиҳат ба соҳибкорон маскани қулай ба ҳисоб меравад. Зеро дар ин ҳудуд ҳокимияти ноҳия, идораи андоз, маркази хидматҳои давлатӣ, филиалҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва бинои таъминоти нафақа ҷой гирифтаанд. Ғайр аз ин, се идораи ташкилоти давлатӣ, ду бонки тиҷоратӣ ва дигар муассисаҳои ноҳия низ дар ин мавзеъ фаъолият мебаранд.*





***Дар суратҳо:*** *лоиҳаи намуди ояндаи «Хиёбони соҳибкорон».*
***Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ӮзА).***

# МУСОБИҚАИ ВОЛЕЙБОЛ БАЙНИ БОНУВОН

**Чанде пеш миёни бонувони синну солашон аз 30 то 55-сола, ки дар маҳаллаҳои ҳудуди секторҳои 1 ва 2 истиқомат мекунанд, мусобиқаи волейбол баргузор гардид.**

Бояд зикр намуд, ки дар ин мусобиқа бонувон аз мактаби таълими умумии рақами 83 ва аз техникуми тиббии ба номи Абуалӣ ибни Синои ноҳияи Сариосиё байни худ қувваозмоӣ намуданд.

Ногуфта намонад, ки ин дастаҳо бо баҳсҳои шавқоварашон хотири ҳамагонро шод гардониданд.

Дар ниҳояи бозӣ дастаи бонувон аз маҳаллаи «Боғи ширин» воқеъ дар ҳудуди сектори 1 ва дастаи бонувони маҳаллаи «Бӯйрапӯш» воқеъ дар ҳудуди сектори 2 ғолибиятро ба даст оварданд ва ҳуқуқи дар зинаи финалии ин мусобиқа ширкат намуданро соҳиб шуданд.

Дар финали ин мусобиқа дастаи бонувони волейболбози маҳаллаи «Бӯйрапӯш» ҷойи аввалро соҳиб гаштанд. Ба дастаҳои ғолиб ифтихорномаҳо ва туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН — ДАР МАРКАЗИ ЭЪТИБОР

**Бо ҳамкории Маркази миллӣ доир ба ҳуқуқи инсон, вазорати адлия, Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои ғайридавлатӣ-ғайритиҷоратии Ӯзбекистон, Ҳаракати умумимиллии “Юксалиш” ва Маркази “Стратегияи тараққиёт” таҳти мавзӯи “Дар таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ-ғайритиҷоратӣ” форуми миллӣ баргузор шуд.**

Дар форум беш аз 300 нафар намоянда аз идора ва вазорату ташкилотҳо, корпусҳои дипломатӣ, ваколатхонаҳои ташкилотҳои нодавлатии хориҷӣ иштирок карданд. Дар чорабинӣ қайд гардид, ки имрӯз дар мамлакатамон роҳандозӣ намудани ғояи инсонпарваронаи “Қадри инсон ва халқ аз ҳама бузург” натиҷаи амалии стратегияи миллӣ доир ба ҳуқуқи инсон мебошад.

Бино ба гуфтаи иштирокдорон, дар стратегияи миллӣ доир ба ҳуқуқи инсон оид ба мустаҳкам намудани ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои он ҷамъ 33 ҳуҷҷати қонунгузорӣ дар назар дошта шуда, то имрӯз 12-тои он қабул карда шудааст. Инчунин, лоиҳаи 10 ҳуҷҷати меъёрию ҳуқуқӣ дида баромада шудааст. Бахусус, фармони Президент “Дар бораи консепсияи рушди ҷамъияти шаҳрвандӣ дар солҳои 2021-2025” аз 4 марти соли 2021, дастуруламали муҳим дар ин самт гардид.

Консепсия ҳифзи ҳуқуқ, таъмини манфиатҳои қонун, қадриятҳои демократии инсон, масъалаи мустаҳкам намудани муносибатҳои шарикии иҷтимоиро байни мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ дар бар мегирад.

Форуми миллӣ дар ду шуъба таҳти мавзӯъҳои “Дурнамои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав”, “Мавқеи назорати халқӣ дар ҳифз ва таъмини ҳуқуқи инсон” кори худро идома дод. Дар ҷамъомади шуъбаҳо беш аз даҳ маърӯзаи намояндагони вазорату идораҳо, роҳбарони таҷрибаноки ташкилотҳои ҷамоатӣ шунида шуд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**

**Дар маркази ноҳияи Косонсой, дар бинои театри ба номи Садриддин Айнӣ чорабинии бо номи «Бе хотираи таърихӣ, оянда нест» баргузор гардид. Дар он аз хотираи як инсони фидокор Самарахон Каримов, ки солҳои тӯлонӣ ба ноҳияи Чуст ва Косонсой роҳбарӣ кардааст, ёдоварӣ карда шуд.**

# МАНЗИЛИ Ӯ ДАР ДИЛИ ХАЛҚ

Дар назди бинои театри идона ороododашуда, дар зери садои карнаю сурнай меҳмононро бо нону намак пешвоз гирифтанд.

Дар ин чорабинӣ, ки беш аз ҳазор нафар косонсойиҳо иштирок карданд, маърӯза ва хотираҳои арзишманд аз рӯзгору фаъолияти ҳокими собиқ, наворҳои нотакрор намоиш дода шуданд.

Дар тадбир раиси Шӯрои ҷамъияти нуроniҳои вилоят Икромхон Наҷмиддинов, роҳбари шӯъбаи маънавиёт ва маърифати вилоят Мусохон Аппақов, раиси Маркази милливу маданий тоҷикони вилоят Абдусаттор Ғафуров, роҳбари Иттифоқи нависандагони вилояти Намангон Зиёвуддин Мансуров, ҳокими ноҳия Дилмурод Қодиров, шогирдон ва як гурӯҳ эҷодкорон иштирок карданд.

– Инсонҳоеро, ки некӯиро мақсад мегузоранд, фидокор мешуморем,– мегӯяд ҳокими ноҳия Дилмурод Қодиров. — Ӯ бунёдкор, серҳаракат мешавад. Самарахон Каримов, ки ифтихори Косонсойи мост, аз қабили чунин одамон буд.

– Дар ин чорабинӣ аз фаъолии ҷавонон шод гаштам, – мегӯяд шоира Руқия Ғозиева.

– Боз он чизе, ки маро ба ҳайрат овард, ин маҳз дар ҳамин фурсат шунидам, ки ҳокими ноҳия ба унвони Корманди шоистаи маданияти Ӯзбекистон сарфароз шудааст. Аз ин рӯ, дар ҷое, ки фарҳангу санъат ва адабиёт ҳаст, он ҷо зебоӣ, некӣ ва пешравӣ мешавад. Мо минбаъд низ ба ҷавонони худ чунин шахсони халқпарвар, ватандӯстро, ки барои равнақи ватан ҷони худро фидо кардаанд, ҳамчун намуна нишон медиҳем. Зеро онҳо дарк кунанд, ки аз аҷдоди кистанд ва фарзанди муносиби онҳо шаванд.

Дар чорабинӣ, ки ба як ҷашни адабӣ табдил ёфт, таронаҳои мумтоз ва замонавӣ аз тарафи санъаткорони дастаи «Хушнаво», ки бо ташаббуси Самарахон Каримов ташкил шуда буд, иҷро шуд.

Дар рафти чорабинӣ бо иштироки рассомон ва эҷодкорони синни солашон гуногун озмун гузаронида шуда, ба фаъолон ташаккурнома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ аз ҷониби ташкилотҳои ҷамоатӣ ва фарзандони С.Каримов дода шуд.

Қисми дуюми чорабинӣ дар хонае, ки Самарахон Каримов ҳаёт ба сар бурдааст, идома ёфт. Гирди дасторхон қуръон тиловат карда, хотирааш ба ёд оварда шуд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ХАЛҚ АЗИЗ, ИНСОН АЗИЗ

## «ЭЙ, БУХОРО ШОД БОШУ ДЕР ЗӢ...»

***Соҳибистиқлолӣ неъмати бебаҳост. Ба туфайли ин мўъҷизаи сарнавиштсоз орзую умеди деринаи мардуми мо ҷомаи амал пўшид. Анъана, расму оинҳои аҷдодӣ, арзишҳои миллӣ рўи об баромад. Ватани азизи соҳибихтиёр дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷою мақоми хешро пайдо мекунад, ба обрўю эътибор сазовор мегардад. Дар қатори дигар минтақаҳои диёр сарзамини қадимии мо Бухоро ва шаҳру ноҳияҳои он низ ободу зебо, пурҷозибаю дилкаш мегардад. Фикру зикри одамон тағйир ёфт. Барои рушди илму ҳунар, истеъдод, камолёбии ҷавонон имкониятҳои бемисл фароҳам омад. Ин ҳама ҳамватанонамонро ба фардои боз ҳам пурнишоту ҷозибаноктар – рўзгори ободу фаровон, ҳаёти дилкаши озоду осоишта умедвор месозад, ки маводи зер мисли муште аз хирвори ин вилоят аст.***



## КОРХОНАИ АЗИМИ САНОАТӢ

**(Заводи азнавкоркарди нафти Бухоро 25-сола шуд)**

***22 августи соли 1997 дар ҳаёти иқтисодии мамлакат воқеаи муҳими таърихӣ рух дода буд: навбати аввали заводи азнавкоркарди нафти Бухоро ба фаъолият оғоз намуд. Ба ин воқеаи муҳим 25 сол пур шуд.***

Дар давоми чоряк асри сипаригашта ин корхона нафақат дар вилоят, балки дар ҷумҳурӣ ба яке аз объектҳои муҳими саноатӣ табдил ёфт. Таи солҳо дар ин ҷо бештар аз 41 миллион тонна ашёи хоми карбогидрид аз нав кор карда шуда, навъҳои гуногуни бензини автомобил, сўзишвории дизелӣ, керосини авиатсия, гази моеъ ва намудҳои гуногуни маҳсулоти тайёри нафт, ки ҷавобгўи қолабҳои ҷаҳонӣ мебошанд, истеҳсол гардид. Бештар аз 3,5 ҳазор нафар аҳолӣ соҳиби кор шуд.

Завод дар аввали кор фақат 7 намуди маҳсулот истеҳсол карда бошад, имрўз шумораи онҳо аз 20 намуд гузаштааст. 70 фоизи ин маҳсулот панҷ соли охир – дар давраи бунёди Ўзбекистони Нав истеҳсол мегардад. Ин, албатта, самараи ислоҳоту ғамхорӣ ва маблағҷудокуниҳои давлат аст. Гуфтан ҷоиз аст, ки аҳамияти ин корхона бобати сохтмон, барпо намудани объектҳои иҷтимоӣ, обод гардондани даштҳои Қаровулбозор ва ба аҳолии ин ҷо фароҳам овардани шароити қулайи зиндагӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ беҳамто аст.

Табиист, ки ҳар як корхона баҳри пойдорӣ ва мустаҳкамтар намудани мавқеи худ, рушд додани иқтидору салоҳияташ азму кўшиш менамояд. Корхонаи азнавкоркарди нафти Бухоро низ дар натиҷаи ба амал татбиқ намудани лоиҳаҳои нав ният дорад, ки истеҳсоли бензинҳои автомобилиро 35 фоиз, гази моеъро 50 фоиз, дигар маҳсулотро 20 фоиз зиёд кунад. Албатта, бе сифати дилхоҳи маҳсулот мурод ҳосил намегардад. Аз ин рў, дар назар дошта шудааст, ки истеҳсоли бензин ва сўзишвории дизелӣ мувофиқи талабҳои стандартии «Евро-5» сурат гирад. Ин имконият медиҳад, ки боз 300-то ҷойи нави корӣ ташкил карда шавад.

22 августи соли ҷорӣ ба муносибати 25-солагии завод дар маркази ҷавонони шаҳри Бухоро чорабинӣ ба амал омад. Дар он мутасаддиёни Вазорати энергетика, ҶС «Ўзбекнефтегаз», ҳамкорони хориҷӣ, роҳбарони секторҳои вилоят, кормандони завод ва намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ иштирок карданд. Ҳокими вилоят Ботир Зарифов ба сухан баромада аҳли ҷамоаро бо ҷашни 25-солагии инъоми истиқлол – корхонаи азими саноатии мамлакат, яъне заводи коркарди нафти Бухоро самимона муборакбод намуд.

Ба муносибати санаи муборак гурўҳе аз кормандони завод аз ҷониби ҳокимияти вилоят, ҶС «Ўзбекнефтегаз», инчунин Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ўзбекистон ҳавасманд гардонда шуданд.

Тадбир бо барномаи консертии устодони санъати ҷумҳурӣ ва вилоят идома ёфт.



## КЎЧАЮ ДЕҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ВОБКАНД

***Масъалаи рушди сайёҳӣ ва фарохтар гардондани ҳудудҳои алоқаманди он солҳои охир аҳамияти давлатӣ касб кардааст. Мувофиқи иловаи 7-уми қарори Девони Вазирон аз 22 апрели соли 2021 «Дар бораи чораҳои рушди маҷмўии иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Вобканди вилояти Бухоро дар солҳои 2021-2023 ва коҳиш додани камбизоатӣ» дар кўчаи «Аҳмади Дониш»-и ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Вобканд» ҷараёни созмонёбии «Кўчаи сайёҳӣ» вусъат меёбад. Тасвири топографии кўча аз тарафи корхонаи унитарии давлатии «ЎзТАШКЛИТИ» таҳия ёфта, ба институти лоиҳакашӣ тақдим гардид. Дар асоси топосурати омодагардида лоиҳаи кўчаи «А. Дониш», ки бо манораи кўҳнаи Вобканд пайвастааст, тайёр карда шуд.***

Ҳамин тариқ, ба объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ бо усули миллию замонавӣ корҳои пардоздиҳӣ сурат гирифта, 500 метр роҳе, ки ба кўчаи сайёҳӣ мебарад, мумфарш гардид. Дўкону ошхонаҳои гирду атроф бо усули шарқона зеб дода мешавад. Дар ин ҷо барои сайёҳони куҳансол ва ногиро низ имкониятҳои қулай фароҳам оварда шудааст. Хати барқ таҷдид ёфта, трансформатори пурқувват ба кор даромад. Хатҳои телефон ба тартиб оварда шуд. Симҷўбҳо бо симбетон иваз карда мешаванд. Роҳҳои автомобилгард низ таъмир ёфта, аломатҳои ҳаракати роҳ мукаммал гардид. Соҳибкорон ният доранд, ки дар ин ҷо панҷ меҳмонхонаи оилавӣ бунёд кунанд. Дастаи ҳунарии фолклории «Навниҳол» баҳри хуш гардондани табъи меҳмонон омода гаштааст.

Дар қарори номбурдаи Девони Вазирон масъалаи инкишоф додани равияҳои сайёҳии этно, эко-агро ва маданӣ дар Вобканд низ ба чашм мерасад. Бо ин мақсад деҳаи Ширин, ки дар вилоят машҳур аст, интихоб гардидааст. Бо мақсади ба ин ном муносиб гардондани деҳа як қатор корҳои ободгардонӣ ба амал баромаданд. Хати телефонӣ такмил ёфт. 200 бех ниҳолҳои манзаравӣ шинонда шуд.

Сохтмони маркази варзишӣ-солимгардонӣ, дўкони туҳфаҳо ва маркази ҳунармандӣ поён ёфт. Қариб бист нафар соҳибкорон бобати бунёди меҳмонхонаи оилавӣ муроҷиат карданд. Аллакай 6-тои онҳо ба фаъолият оғоз намуданд.

Соҳибкори маҳаллӣ Нурмат Нодиров бошад, бо мақсади ба роҳ мондани мини-футбол, волейбол, бадминтон ва гўштингирӣ ба сохтани толори варзиш пардохтааст. Соҳибкор Р. Раҳимов бошад, барои мардону занон толори тренажёрӣ месозад. 2 чойхона ба фаъолият оғоз намуд. Дар ин ҷо хўрокҳои миллӣ низ тайёр карда мешавад. Сайёҳию ҳунармандӣ бо ҳам алоқаи қавӣ доранд. Аз ин рў дар деҳа 6-то устохонаи ҳунармандӣ ба кор оғоз намуд ва мардум аз кулолӣ, зардўзӣ, кашидадўзӣ, кандакории чўб, бўрёбофӣ, миниатюраю хаттотӣ барин ҳунарҳо баҳраманд мешавад.

Ба қарибӣ дар ин ҷо кластери этно-туризм бунёд гардид. Ин шабакаҳои зиёд дошта, дар як вақт 60 нафар меҳмонро қабул карда метавонад. Дар айни замон дар деҳа бо мақсади зиёд намудани намудҳои хидматрасонӣ чораҳо андешида мешаванд. Инчунин барномаҳои шавқовар, масканҳои сайёҳӣ падид меоянд.

Дар деҳаи этносайёҳӣ маркази «Shirin Etno Haus» ба фаъолият оғоз намуда, дар ин ҷо занбўриасалпарварӣ, сохтани асбобу анҷомҳои деҳқонӣ, саёҳат бо аспу шутур, тайёр кардани кўлашўртаку нишалло барин анъанаҳо ба чашм мерасанд.

## ИДИ ИСТИҚЛОЛ ДАР ЧУРУҚ




***Мувофиқи қарори Президент аз 1 августи соли ҷорӣ «Дар бораи омодагӣ ва дар савияи баланд гузаронидани 31-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон» дар гўшаву канори мамлакат тадбирҳои гуногун ба амал меоянд.***

25 август тантанаҳои истиқлол таҳти унвони «Дар Ўзбекистони Нав халқ азиз, инсон азиз» дар овули қазоқнишини «Чуруқ»-и ноҳияи Шофиркон ба амал омад. Роҳбарони секторҳо, масъулони ташкилот, корхона, муассисаҳо бо сардории ҳокими ноҳия Ҷамшед Шарофов баҳри муборакбодии сокинони дашт бо иди аз ҳама бузург, аз ҳама азиз субҳи бармаҳал ба ин ҷо омаданд.

Дар нуқтаи аҳолинишини Чуруқ, ки аз маркази ноҳия 110 километр дур аст, дар оғўши дашти Ҷилвон, дар шафати чўли Қизилқум воқеъ гардидааст, ҳоло 40 хонадон, 251 нафар аҳолӣ умр ба сар мебарад. Машғулияти асосии онҳо чорводорист.



Дар мактаби таълими умумии 39-ум 31 нафар наврасон таҳсил мегиранд. Ба онҳо 24 нафар омўзгорон асосҳои таълимро меомўзанд. Ташрифовардагон дар навбати аввал даргоҳи маърифатро аз назар гузаронданд. Бо ҷараёнҳои омодагӣ ба соли таҳсили нав шинос шуданд. Ҳокими ноҳия чор нафар талабагони синфи якумро, ки бори аввал ба мактаб қадам гузоштанд, муборакбод намуда, ба онҳо «Туҳфаи Президент»-ро супурд. Меҳмонон аҳли ҷамоаро бо ид муборакбод намуда, ба тарбиягирандагон туҳфаҳо доданд. Аёдати куҳансолон, гирифтани дуои онҳо барои мардуми мо анъанаи аҷдодист. Роҳбарон ин дафъа низ ба анъана содиқ монданд. Онҳо ба ҳавлии Турдибобо Ҳаитов рафта, аз мўйсафеди 80-сола ҳол пурсиданд, мукофоти пулию туҳфаҳо доданд. Духтурон ўро аз назорати тиббӣ гузаронданд.

Мувофиқи қарори сарвари давлат оиди дар маҳаллаҳои дурдаст ташкил кардани пунктҳои тиббӣ сокинони Чуруқ низ соҳиби контейнер – бунгоҳи тиббӣ гардиданд. Ба ин муносибат дар ин ҷо маросими кушодашавии ин нуқтаи ҳифзи саломатӣ сурат гирифт. Ҳамон рўз дар авул таҳти унвони «Дар Ўзбекистони Нав халқ азиз, инсон азиз» вохўрии се насл: ҷавонон, миёнсолон ва куҳансолон низ ба амал омад.

Санъаткорони шуъбаи маданияти ноҳия ба ҳозирон кайфияти идона бахшиданд.

## “BUKHARA CITY’’ – ҶАРАЁНИ БУНЁДКОРИҲО

***“Bukhara city’’ – маркази замонавии истиқоматӣ ва корчаллонии Бухоро хоҳад шуд. Ин объекти азими замонавӣ бо ҳунарҳои муштараки меъмории миллию аврупоӣ қад афрохта, бинобар ҳисобу китоби пешакӣ барои он 550 миллион доллари ИМА харҷ мегардад. Дар 83 гектар майдон иборат аз 73 объект сохта мешаванд.***



Бинобар ба амал татбиқ кардани қарори Девони Вазирон аз 8 июли соли 2019 «Дар бораи чораҳои ташкилии барпо намудани Маркази корчаллонии замонавӣ ва ҷойҳои истиқоматӣ дар шаҳри Бухоро – “Bukhara city’’» аз ҷониби ширкати “Studio Vertebra’’-и Туркия оид ба маҷмўи “Bukhara city’’ дар асоси консепсияи ягона ҳуҷҷатҳои лоиҳаи генералӣ таҳия ёфта, ҷараёни корҳо оғоз гардида буд. Дар 25 гектар, дар 34 лот биноҳои бисёрошёна ва дар ошёнаҳо якуму дуюми он объектҳои тиҷоратӣ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин дар 6,6 гектар майдони ҳудуд, дар 12 лот биноҳои меҳмонхонаҳои замонавӣ, дар 3 гектар ва 7 лот биноҳои бонк ва офис, дар 5,3 гектар клиникаи тиббӣ ва маҷмўи спорт, дар шафати он маркази илмӣ барои тадқиқотчиёни ҷавон, осорхона, китобхона ва маркази ҷавонон сохта мешавад.

Ба ғайр аз ин дар 1,7 гектар – 5 лот муассисаи таълими муосир, боғчаҳои бачагон, дар бештар аз 1 гектар ҷой бинои пурсалобати 32 ошёна, дар 1,7 гектар маркази экспо барои ҷамъомадҳои маҳаллию байналхалқӣ ва дар 1,4 гектар технопарки сершабака барои ҷавонони соҳибистеъдод бунёд мегардад.

Ҳоло дар 44-то лоти фурўхташуда корҳои сохтмону бунёдкорӣ дар авҷ. 15 лоти дигар ба тарзи онлайн ба савдои музояда бароварда шудааст. Дар ин ҷо дар қатори сармоягузорони турк, рус, корейс, хитой, эронӣ қариб бист нафар соҳибкорон — сармоядорони маҳаллӣ баҳри амалӣ гардондани лоиҳаи худ азму кўшиш доранд.

Чанде пеш ҳокими вилоят Б. Зарифов ба ин ҷо омада ба ҷараёни корҳо шинос шуд, баҳри ҳалли масъалаҳо кумак расонд.

***Маводи ин саҳифаро мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро Амрулло Авезов ба чоп омода кардааст.***

*«Саломатӣ – 2022»*

# ҲАМА ТОЛИБИ ВАРЗИШ



Хоҳу нохоҳ ҳама инсонҳо ба тарбияи ҷисмонӣ ва бадани худ майл дорад, аммо он қариб ҳамеша бенизом ва бе мусобиқа мебошад. Табиист, ки варзиши тану ақл пеш аз ҳама барои худ ва нафъи саломатӣ иҷро карда мешавад.

Яке аз вазифаҳои асосии иттифоқи касабаи коргарон низ ба тарбияи умумии ҷисмонӣ, тарзи ҳаёти солим ва зиндагии бомувозинат бо табиату муҳит ҷалб намудан мебошад. Дар арафаи ҷашни истиқлолият, ки он дар меҳвари шиори «Дар Ўзбекистони Нав халқ азиз, инсон азиз» таҷлил мегардад, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқҳои касабаи ходимони соҳаҳои соҳибкорӣ, тиҷорат ва хидматрасонии шаҳри Тошканд ташаббусе зоҳир намуда, раисони ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба ва фаъолони онҳоро дар яке аз осоишгоҳҳои ноҳияи Бўстонлиқ зери унвони «Саломатӣ – 2022» ба мусобиқа аз рўйи намудҳои тенниси рўйи миз, шашкаву шоҳмот, дартс, арғамчинкашӣ ва ҷаҳишҳои гуногуни атлетикаи сабук сафарбар намуд. Дар ҳар намуди он ғолибон тақдир гардиданд ва ҳамаи ин бо риояи расмҳои маросими мусобиқот ба амал омад, ки бино ба суханони раиси иттифоқи касабаи муттаҳидаи мазкур Дилфуза Исмоилова «раисони ташкилотҳои ибтидоии иттифоқҳои касабаи корхонаву ҷамоаҳо на фақат бо ташкилдиҳӣ ва баргузорнамоӣ машғул гарданд, балки худашон низ бевосита дар чунин озмоишҳо ширкат намоянд ва худро озмоиш кунанд».

Ин маҳфил фақат аз қувваозмоии варзишӣ иборат набуд, чунки дар доираи он семинаре низ ба вуқўъ пайваст, ки дар бобати ташкили кору фаъолияти иттифоқи касаба, тағироту тасҳеҳот дар тартиби кори он, муҳофизати меҳнат ва нақши иттифоқи касаба дар ҷиҳати ҳимояи коргарон ва ҳифзи ҳуқуқи онҳо баҳс ба амал овард.

Ба чунин саволу баҳсҳо мутахассисон ва ҳуқуқдонҳои иттифоқи касаба равшанӣ андохтанд, то ки роҳбарони ташкилотҳои соҳаи иттиҳоди касаба дар фаъолияти худ онҳоро корбаст намоянд.

**Т. ИКРОМОВ,**
**раиси иттифоқи касабаи «Овози тоҷик».**

# ҚАБУЛИ НАВБАТИИ ШАҲРВАНДОН ДАР СЕНАТ

***Ба қарибӣ раиси Кумитаи занону духтарон ва баробарии гендерии Сенати Олий Маҷлис М.Қодирхонова қабули шаҳрвандонро гузаронд.***

Дар қабул беш аз 50 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ аз Қароқалпоқистон, Қашқадарё, Сурхондарё, Намангон, Навоӣ, Самарқанд, аз вилояти Тошканд ва шаҳри Тошканд бо мушкилоте, ки онҳоро ба ташвиш меорад, муроҷиат карданд.

Азбаски, бештари онҳо ба масъалаҳои суду ҳуқуқ, хонаву ҷой, кадастр, ба маҳалла овардани об, таъминоти моддӣ ва масъалаҳои дигар дахл доранд, ходимони масъул аз Суди олӣ, Сарпрокуратура, Вазорати корҳои дохилӣ, Бонки марказӣ, Агентии кадастр, инчунин кумитаи оила ва занону духтарон ба ҷараёни қабул ҷалб карда шуданд.

Муроҷиатҳои ҳар як шаҳрванд ҳаматарафа омўхта шуд. Дар рафти қабул шаҳрвандон аз кормандони мақомоти дахлдори давлатӣ маслиҳатҳои ҳуқуқӣ гирифтанд. Якчанд муроҷиатҳо дар ҷояш ҳал карда шуд.

Аз тарафи раиси кумита ба масъулони вазорату идораҳои дахлдор дастур дода шуд, ки муроҷиатҳое, ки ҳаллу фаслашон вақтро тақозо мекунад, пурра анҷом дода, чораҳои дахлдор андешанд.

Инчунин, маълум шуд, ки назорати кумита аз болои иҷрои масъалаҳои дар қабул муҳокимашуда муқаррар карда шудааст.

**Хидмати ахбори Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

***Дар рўзи таҷлили 31-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон (дар ИМА ва Канада 31 август) яке аз ҷойҳои ҷолиби диққати сайёҳии Амрикои Шимолӣ – шаршараи ба ҷаҳон машҳури Ниагара боз бо рангҳои байрақи давлатии мамлакатамон ҷило дод.***

# ШАРШАРАИ МАШҲУРИ НИАГАРА БОЗ БО РАНГҲОИ ПАРЧАМИ ЎЗБЕКИСТОН ҶИЛО ДОД

Тибқи иттилои сафорати Ўзбекистон, ки дар Канада низ номнавис шудааст, азимтарин шаршараро дар нимкураи ғарбӣ бо рангҳои парчами Ўзбекистон рўзи 31 август соати 22:30 ба вақти маҳаллӣ (1 сентябр соати 7:30 ба вақти Тошканд) мардум мустақиман тамошо карданд. Равшансозии шаршараи Ниагара бо рангҳои парчами Ўзбекистон 15 дақиқа давом кард.

Ба иттилои сафорат, ҳамватанони мо аз тамоми гўшаву канори Канада ва Иёлоти Муттаҳида ба шаршара Ниагара барои дидани ин манзараи зебо омаданд. Илова бар ин, намояндагии дипломатии мо якҷоя бо ҳамватанони худ Рўзи истиқлолиятро дар шаҳри Ниагара васеъ таҷлил намуд, ки дар он ҷо ба муносибати 31-умин солгарди истиқлолият бо рақсу сурудҳои ўзбекӣ зиёфати тантанавӣ, имкони чашидан аз палови анъанавии ўзбекӣ ташкил карда шуд.

Ёдовар мешавем, ки шаршараи Ниагара соли гузашта бо иштироки ҳамватанони мо, сайёҳони сершумор аз манотиқи мухталифи ҷаҳон, ҳамчунин сокинони маҳаллӣ ба ифтихори 30-солагии истиқлолияти Ўзбекистон бори аввал бо рангҳои парчами Ўзбекистон ҷило дода шуда буд. Ҳар сол миллионҳо сайёҳон аз шаршараи Ниагара дидан мекунанд. Бари шаршара 792 метр, баландиаш 53,6 метр, ҳаҷми оби фуромада 2,2 миллион литр дар як сонияро ташкил медиҳад. Дар системаи равшании шабонаи шаршараи Ниагара 1400 чароғҳои ҷудогона истифода мешаванд.

**АИ «Дунё».**

*Бозгашт ба мавзўъ бо хоҳиши хонанда*

# КАЙ АДОЛАТИ ТАЪРИХӢ БАРҚАРОР МЕГАРДАД?

Масъалае, ки перомуни он баҳс оростаем, муаммои нав нест. Солҳост, ки ин масъала мавриди баҳси равшанфикрони нуратоӣ мебошад. 21 феврали соли 1990 “”Нурота ё Нурато” ном мақолаи муаллифи ин сатрҳо дар рўзномаи “Овози тоҷик” нашр гардида буд.Тарҷумаи мақолаи номбурдаро дар газетаи ноҳиявии Нурато “Илғор чорвадор” (ҳоло “Нурнома”) чоп намуданд. Ғайри чашмдошт, мақола боиси баҳсҳои зиёд гардид.Таваҷҷуҳи мардум ба омўзиши таърих, ба вижа, ба омўзиши таърихи қадимаи диёр хеле афзуд. Дар ин замина сафи таърихнигорон низ ба маротиб афзуд. Аз омўзгори оддӣ то докторони илмҳои биологиву ҷуғрофияи иқтисодӣ ба навиштан ва интишори мақолаву рисолаҳои таърихӣ шурўъ намуданд. Мақолаю рисолаҳои Р. Қодиров, С. Мустафоев, К. Аҳмадқулов, Б. Мирзоев, Ш. Исмоилзода, Р. Аҳмадов, Ҳ. Ғуломов, Б. Амонов, С. Умрзоқов, О. Умрзоқов, С. Бўлдиева дар омўзиши таърихи Нурато саҳм гирифтанд.

Аксарияти ин муҳаққиқон (К. Аҳмадқулов, Б. Мирзоев, Б. Амонов, С. ва О. Умрзоқовҳо) сарчашмаҳои хаттии таърихиро таҳриф намуда, “Нурота” будани номи шаҳрро “собит” намудан хостаанд.

Донишманди хуби забонҳои тоҷикиву арабӣ, ки аз қаротуркманҳои маҳаллӣ мебошад, боз ҳам бештар ба таҳрифи сарчашмаҳои таърихӣ роҳ дод.(Ниг. дар ин хусус: Ў. Раҳмон. “Таърихнигорӣ, ё худ чанд қайд дар ҳошияи як китоб”, “Ховар”, аз 1-15 декабри соли 2017). Бе ҳеҷ гуна асос собит дорад, ки кўҳаншаҳри ҳамешаҷавон “Нурато” ё “Нурота” не, балки Нурото аст.

### “Кашфиёт”-и нав дар илми таърихнигорӣ

Ш. Исмоилзода ва Р. Аҳмадов роҳи миёнаро пеш гирифтаанд. Ба андешаи онҳо истилоҳоти “Нурато” ва ”Нурота” муродиф буда, истифодаи ҳарду истилоҳ иштибоҳ нест.

Аз ин баҳси доманадор камина низ дар канор намондаам. Чанд нигоштаам дар саҳифаҳои расонаҳои ахбори оммавӣ интишор ёфт.

Дар заминаи сарчашмаҳои хаттии таърихӣ ва забони зиндаи мардуми маҳаллӣ собит намудаам, ки шаҳри кўҳанбунёд “Нурота” ё “Нурото” не, “Нурато” ном дошта, бояд номи таърихии он барқарор гардад. Тадқиқотҳо собит намудаанд (инро ҳамаи муҳаққиқон эътироф доранд, вале аз чӣ бошад ба таҳрифи ҳақиқати таърихӣ даст мезананд?!), ки то соли 1940 дар ягон сарчашма – чӣ ба забони форсӣ, чӣ туркӣ бо истилоҳи “Нурота ”дучор намегардем.

Ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта таваҷҷуҳи мардум ба омўзиши таърихи гузаштаи мардуми хеш хеле афзуд. Дар навиштаҷоти пештоқи кўчаву биноҳо, сайрхати автобусҳо, навиштаҷоти рўйи расму табақҳо “Нурато” менавиштагӣ шуданд...

Боре ба қабули ҳокими вақти ноҳияи Нурато Зойир Нуриддинов даромадам. Марди ҳалиму ботамкин, донишманд буд ў. Худ, ки нуратоӣ буд, аз таърихи гузаштаи зодгоҳ ифтихор дошт. Пешниҳоди каминаро оиди тағйир додани номи шаҳру ноҳия хуб пазируфт. Дар ҳузури камина аъзоёни комиссияи ҳокимият доири забон ва истилоҳотро даъват намуд. Шахсиятҳои шинохтаву номдори ноҳия Очил Наврўзов, Каримтош Аҳмадқулов, Эркин Исмоилов, Шавкат Исмоилзода ва чанд нафари дигар ҳозир гардиданд. Он ҳама воқеияти таърихӣ доштани “Нурато”-ро якдилона эътироф намуда, дар бораи тағир додани “Нурота” ба “Нурато” қарори дахлдор қабул намуданд. Сад афсус, Зойир Нуриддиновро умр вафо накард... Он қарор рўйи коғаз монд.

Чанде қабл бо муҳаррири рўзномаи ноҳиявӣ Лазизҷон Бозоров вохўрдам. Нақли аҷиб кард. Гуфт, ки муаммои тағйир додани номи шаҳру ноҳия аз нав рўйи кор омадааст. Ин масъаларо намояндагони ноҳия дар ҷаласаи худ муҳокима намуда, дар бораи ба “Нурато” табдил додани номи “Нурота” қарор қабул намуда, депутатҳо якдилона тасдиқ намудаанд. Вале аз “боло” хабару дараке нест. Л. Бозоров хоҳиш намуд, ки ин масъаларо боз як маротиба аз тариқи “Овози тоҷик” пешкаш намоям.

Инак, бо ин ният андешаҳои худро дар заминаи сарчашмаҳои хаттии таърихӣ ва забони зиндаи мардуми маҳаллӣ дар чанд сатр рўйи коғаз оварданиям.

Номи шаҳр дар сарчашмаҳои хаттии таърихӣ дар ду шакл – “Нур” ва “Нурато” дучор меояд. “Нурато” калимаи мураккаб буда, аз ду реша “нур” ва “ато” иборат аст. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ба тариқи зер шарҳ ёфтааст:

*Нур(а) – рўшноӣ, равшанӣ, зиё, фурўғ.*

*Абр шуд наққоши Чину бод шуд аттори Рум,*
*Боғ шуд айвони нуру роғ шуд дарёи Ганг.*
**(Манучеҳрӣ).**

“Ато” (а) – бахшиш, инъом

Гарчӣ ато дар ҳама ҷо дилкаш аст,
*Ҳар чӣ ба ҳинҷор бувад, он хуш аст.*
**(Амир Хусрав).**

“Нурота” низ аз ду калима – “нур” ва ”ота” иборат буда, “ота” ба забони тоҷикӣ маънои падарро ифода мекунад. Нурота ном гирифтани шаҳрро аксар муҳаққиқон ба шайх Абулҳасани Нурӣ марбут медонанд. Гўё ба эҳтироми ў Нурро “Нурота” гуфтаанд.

Дар ҳақиқат, мақбараи Шайх Абулҳасани Нурӣ назди Чашмаи Нурато воқеъ буда, дар он санге бо навиштаҷоти тоҷикӣ (форсӣ) гузошта шуда буд. (Ниг. Дар ин хусус: Ў, Раҳмон. “Абулҳасани Нурӣ”, “Овози тоҷик”, 20 феврали соли 2012). Таассуфовар аст, имрўз он катибаи таърихиро бо сангаш рабуда, ҷойи он катибае ба забони арабӣ гузоштаанд. Бо исрор қайд менамоем, ки он шахс Нур ном надошта, бино ба қавли Абдураҳмони Ҷомӣ дар “Нафаҳот-ул-унс...” “Шайх Абулҳасан Нурӣ аз табақаи сония аст, номи вай Аҳмад бинни Муҳаммад аст”. Пас Нур маҳалли зист аст, на номи шахси таърихӣ. Ва таърих бисёр маводе дорад, ки шахсиятҳои таърихӣ пас аз ному насаби худ маҳалли зист ва ё зодгоҳро ба он зам намудаанд. Мисолан: Абўабдуллоҳи Рўдакӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Суюндик Мустафои Нуратоӣ ва ҳоказо.

Истилоҳоти “Нурато” ва ”Нурота-”(“Нурото”) бо ҳам иртибот надоранд, муродиф ҳам намебошанд. Рост аст, ҳама падарро эҳтиром дорад, вале ба дараҷаи илоҳӣ расонидан шак овардан ба Офаридгор аст. Табиат ва неъматҳои он бахшоиши Худо будааанду мебошанд. Аз ин рў, номи ҳар ҷо, ки дар таркиби худ истилоҳи “ато” дорад, зиёратгоҳ аст, мардум ба он ҷо эътимоду эътиқод доранд.

Нураторо дар сарчашмаҳои таърихӣ чун шаҳри муборак таъриф додаанд. Дар “Таърихи Муллозода” (Аҳмад Бухорӣ. Тошканд, “Янги аср авлоди” 2009) мехонем: “Сайид Аҳмад дар “Қандия” овардааст, 80 маротиб дар манбаъҳо дарёфтам, ки фармудаанд: “Мовароуннаҳр се шаҳри муборак дорад. Инҳо Бухоро, Самарқанд ва Нур мебошанд”.

Анис ибни Малик ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с.а.в.) фармудаанд: ”Дар он сўйи Ҷайҳун се шаҳри муборaки нурангез ҳаст. Он ҷоро Бухоро, Самарқанд ва Нур номанд”. (Саҳ. 84).

Дар ҳақиқат, таваҷҷуҳи мардум чӣ дар дохили кишвар, чӣ хориҷ аз он ба Нурато меафзояд. Мардум эътимоду эътиқод доранд, ки:

*Ҳар кас, ки ба Нур ояд бар суд,*
*Аз оташи дўзах тани ў озод шавад.*
*Гар ғусл кунад ба оби Чашма як бор,*
*Резад гунаҳаш, аз гунаҳ дур шавад.*

Чашма шукўҳу шўҳрати Нураторо натанҳо саросари кишвар, балки берун аз марзи он беш аз пеш афзун мегардонад. Чашма атои Худо аст. Оби он гоҳ-гоҳе нур афканад ва аз ин он ҷоро Нурато гўянд. Моҳҳои май-июни соли 2004 ҳазорон нафар зиёратчиён ба нурангезии Чашмаи Нурато шоҳид шудаанд.

Дар ҳамаи сарчашмаҳои хаттии таърихии то солҳои 40-уми асри гузашта номи шаҳр Нур ва ё Нурато зикр ёфтааст. Дар ягон манбаъ ба истилоҳоти “Нурота” ва ё “Нурото” чӣ ба туркӣ ва ё чӣ ба форсӣ дучор наомадем. Ба номгўи манобеи хаттии таърихӣ эътибор намоед: “Дар баёни вилояти Нур ва Чашмаи он”, “Рисолаи ҳазрати Нурато”,”Рисола дар баёни шаҳри Нурато”, “Ал-мусаммо ба рисолаи ҳазрати Нурато”. Беҳтар аст, дар ин хусус нигаред ба “Табаррук нурли Нурота” ном китоби Суюндик Мустафо Нуротоӣ (Тошканд, “Турон замин зиё”, 2015), ки дар ҳамаи манобеи истифодагардида номи шаҳр Нур ва Нурато омадааст. Аммо муаллиф ба ин ҳама аз паси панҷа нигоҳ намуда, шаҳрро Нурота ном бурдааст.

Бешубҳа, дар замири ривоятҳо ҳақиқат ниҳон аст. Нисбати пайдоиши шаҳр дар байни мардум ривоятҳои зиёд машҳуранд. Ва дар ҳамаи ривоятҳо номи шаҳр Нурато зикр ёфтааст.

Нурота не, Нурато будани номи шаҳрро байтҳои тахтасангу косаву табақи солҳои пешин низ исбот мекунад. (Истам Ғазғоний. “Тошдаги дуо, байт, ғазал, ҳикматлар”. “Илғор чорвадор”, аз 18 октябри соли 1991).

Забони мардуми шаҳри Нурато ва деҳоти атрофи он (Мазор, Деҳи Баланд ва Ғазғон) муҳимтарин сарчашма мебошад, номи шаҳр дар шакли “Нурато” хеле маъмул мавриди истифода қарор дорад.

Бинои боҳашам бе пойдевори мустаҳкам бунёд намешавад, бунёд шуд дер намепояд. Тадқиқи таърихи ниёгон беомўзиши сарчашмаҳои таърихӣ имкон надорад. Роҳ додан ба таҳрифи манобеи таърихӣ беадолатӣ ва носипосӣ ба мероси гузаштагон бувад.

Надонистани манбаъву дастхатҳо дар омўзиши таърихи Нурато хеле соя меандозад. Шўрои намояндагони халқи ноҳияи Нурато ба кори хайр даст задааст. Агар ин масъала ҳалли эҷобии худро пайдо мекард, нур болои нур мегардид, чаро ки:

*Замини Нур зи хулди барин нишон дорад.*

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**таърихшинос.**
*Ноҳияи Нуратои вилояти НАВОӢ.*



# ДАСТОВАРДҲОИ МАҚОМХОНОНИ ҶАВОН ЗИЁД МЕГАРДАД

*Мактаби санъат ва мусиқии рақами 3-юми ноҳияи Шофиркон соли панҷум аст, ки барои толибилмон дари худро боз менамояд. Дар ин муддати кўтоҳ хонандагони зиёди он дастовардҳои назаррасро соҳиб гардиданд. Аз ҷумла, дар озмуни ҷумҳуриявии мақомхонони ҷавон сазовори ҷойи сеюм шуданд.*

*Шогирди мактаб Аслиддин Рамазонов дар озмуни вилоятӣ «Ушшоқи Самарқанд»-ро ба меъёраш расонида иҷро намуда, бе имтиҳон донишҷўйи ДДБ гардида бошад, хонандаи дигари он Аҳлиддин Ҳайдаров дар озмуни ҷаҳонии санъаткорони ҷавон, ки ба тариқи онлайн дар пойтахти Русия баргузор гардид, сазовори ҷойи якум дониста шуд.*

*Дар мактаби номбурда дар ҳама гуна равияҳои санъат шогирдон аз устодони фидоиёни касби худ таълим мегиранд.*

***Алимурод ТЎРАЕВ,***
*вилояти БУХОРО.*

***Дар сурат:*** *хонандаи синфи рассомии мактаби номбурда* ***Алибек Рўзиев*** *бори аввал асарҳояшро намоиш медиҳад.*

# ДАР ФОНДИ КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ФИНЛАНДИЯ ЗИЁДА АЗ 300 ДАСТХАТИ БА ТАЪРИХ ВА ФАРҲАНГИ БОСТОНИИ ЎЗБЕКИСТОН МАНСУБ ЁФТ ШУДАНД

***Дар ин бора дар рафти мулоқоти сафири Ўзбекистон дар Финландия Қадамбой Султонов бо мудири кафедра, профессори Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳонии Ўзбекистон ва Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд, коршиноси дар соҳаи тадқиқи дастнависҳо машҳур Гулноз Халлиева маълум шуд.***

Вай аз 1 то 26 август дар Финландия шуда, дар он ҷо дар чаҳорчўби лоиҳаи кафолатноки вазорати инноватсия «Офаридани базаи маълумотҳо ва платформаи электронии дастнависҳои туркӣ, ки дар Ўзбекистон мавҷуд намебошанд, «Yevroturcologica.uz» ҷустуҷўи дастнависҳоро анҷом дод.

Ташаббус ба татбиқи қарори сарвари давлат «Дар бораи чораҳо оид ба минбаъд такмил додани қоидаҳои нигоҳдорӣ, тадқиқ ва тарғиби манбаъҳои қадимии хаттӣ» аз 24 майи соли 2017 нигаронда шудааст, ки аз он ҷумла иҷрои «вазифаҳои муҳимро оид ба нигоҳдорӣ, барқарорсозии дастхатҳо, пурра намудани фондҳои мавҷуда, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои тадқиқгарони маҳаллӣ ва хориҷӣ барои кор бо манбаъҳои таърихӣ, омўзиши ҳамаҷонибаи амиқи намунаҳои мероси таърихию фарҳангии мо, тарғиби саҳми беандозаи олиму мутафаккирони мо ба илму тамаддуни ҷаҳонӣ, ба куллӣ афзудани самаранокии корҳо ҷиҳати тарбия намудани аҳолӣ, пеш аз ҳама, насли наврас дар рўҳияи эҳтироми амиқ ба мероси бузурги маънавии халқи мо, меҳру муҳаббат ва садоқат ба Ватан пешбинӣ менамояд.

Чун натиҷаи меҳнатҳои пурмашаққат дар Китобхонаи миллии Финландия ба олими ўзбекистонӣ муяссар гардид, ки дар фонди он мавҷуд будани зиёда аз 300 нусха дастхатҳои марбут ба таърих ва фарҳанги бостонии Ўзбекистонро муайян кунад. Аз ин 11-тоаш дастнависи луғатҳои тасаввуф, тавсифи хусусиятҳои гиёҳҳои фоиданок ва дигар маводҳои гаронбаҳо мебошанд, ки дар Ўзбекистон ҳамто надоранд.

Ба гуфтаи Гулноз Халлиева яке аз пурарзиштарин бозёфтҳо осори «Фирдавс-ул-иқбол»-и Мунис ва Огаҳии марбут ба таърихи Хоразми бостонӣ мебошад. Тавре зикр гардид, 9 нусҳаи дастнависи ин асар маълум буда, нусхаи дар Финландия маҳфуз арзиши бузург дошта, аз 1812 сафиҳа иборат аст.

Дар хотимаи мулоқот мувофиқа шуд, ки якҷоя масъалаи ташкили семинари Ўзбекистону Финландия бахшида ба муайян намудани дастнависҳои номаълум ва дигар манбаъҳои ба таърихи куҳан, анъана ва фарҳанги Ўзбекистон марбут, инчунин силсилаи мақолаҳои мавзўӣ таҳия намоянд.

**АИ «Дунё»,**
*ш.ХЕЛСИНКИ.*

# ИНЪОМИ БУЗУРГИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Дар варзишгоҳи марказии ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё бахшида ба ҷашни 31-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон таҳти унвони «Дар Ўзбекистони нав халқ азиз, инсон азиз» чорабинии идона баргузор шуд.Тавре ки мегўянд, рўзе, ки мардуми кишварамонро як тану як ҷон, як дилу ҳаммаслак кард, ин истиқлолият аст.***

Бинобар ин тибқи иҷрои Қарори Сарвари давлат “Дар бораи тайёрӣ ва баргузор намудани ҷашни 31-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон” дар микёси вилояти Сирдарё корҳои васеъмиқёси бозсозӣ, бунёдкорӣ амалӣ мешаванд.

Дар чорабинӣ ҳокими вилояти Сирдарё Ғафурҷон Мирзоев таъкид кард, ки дар вилоят тўли давраи гузашта корҳои васеъмиқёс ба амал татбиқ мешаванд. Дигаргуниҳое, ки дар соҳаҳои тиб, таълим, варзиш, маданият, сайёҳӣ ва ғайра ба вуқўъ мепайванданд, тағйир ёфтани олами маънавии одамон, баланд гардидани тарзи зиндагонии аҳолӣ, рушди саноат, намуди дигар гирифтани қиёфаи вилоят, ки вилояти аграрӣ ба шумор меравад, бо шарофати истиқлол мебошад. Муваффаққиятҳое, ки дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ дастрас шуд, низ ба ин мисол шуда метавонад.

Рақсҳои гулдухтарони тоҷик, қазоқ, рус, туркман ва ўзбек, ки зери мусиқии миллӣ иҷро шуд, ба иштирокдорон манзур гардид. Суруду мусиқиҳое, ки аз ҷониби санъаткорони номвар дар бораи Ватан, озодӣ, истиқлолият, меҳру муҳаббат ва дўстӣ суруда шуданд, рўҳи иштирокдорони чорабиниро болида сохт.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*




# Садои кӯҳ

*Ҳикоят*

Писарак ва падараш аз миёни кӯҳҳо мегузаштанд. Ногаҳон пойи писарак ба санге бархӯрда ба замин афтод ва фарёд кашид: «Оҳ-ҳ!» Дарҳол садое аз кӯҳ шунид, ки мегуфт: «Оҳ-ҳ!»

Писарак бо кунҷкобӣ фарёд зад: «Ту кистӣ?» Аммо посух боз ҳамон буд, ки мегуфт: «Ту кистӣ!»

Ин моҷаро ӯро асабонӣ карда боз фарёд зада гуфт: «Ай тарсончак!» Посухи кӯҳ ҳам чунин буд: «Ай тарсончак!»

Писарак, ки бисёр ба тааҷҷуб афтода буд, ба падараш нигоҳ карду гуфт: «Падарҷон, чӣ иттифоқе аст ин ҷо?» Падар лабханде заду фарёд кард: «Офарин ба ту!» Кӯҳ садо дод: «Офарин ба ту!» Падар боз фарёд зада гуфт: «Ту беҳтаринӣ!» Посухи кӯҳ ҳам ҷуз ин набуд, ки гуфт: «Ту беҳтаринӣ!»

Писараки дар тааҷҷубафтода ҳанӯзам нафаҳмида буд, ки ин ҷо чӣ сирре аст. Падар ин иттифоқро барояш ин гуна тавзеҳ намуд: «Мардум ин падидаро акси садо мегӯянд, аммо дар ҳақиқат ин «зиндагӣ» аст.

Зиндагӣ, ҳар чиро бидиҳӣ, бар ту ҳамон баргардонад. Зиндагӣ оинаи аъмоли корҳои неки туст. Агар меҳрбонии бештар меҳоҳӣ, бештар меҳрбон бош. Агар эҳтиром ва бузургӣ меҳоҳӣ, инро дарк кун ва эҳтиром бигзор. Агар меҳоҳӣ мардум нисбати ту муаддаб (боадаб) бошанд, адаб дошта бош. Зиндагӣ ҳар чӣ ба ӯ бидиҳӣ, ба ту бармегардонад. Ба ҳар кас хубӣ кунӣ, дар ҳаққи ту хубӣ хоҳад шуд. Зиндагии ту ҳосили як тасодуф нест, балки оинае аст, ки инъикоси корҳои худатро ба ту бармегардонад.

Таҳияи **А. ДУРАНДЕШ.**

# Аз ҳаёти адибони ҷаҳон

Мегӯянд, ки чун Михаил Лермонтов ба дунё омад, доя ҳамон лаҳза гуфт, ки ин писарбача марги ғайримаъмулӣ дорад. Бибиаш Елизавета Александровна, ки намояндаи сулолаи сарватманд буд, бо тарбияи Миша машғул гардид. Маблағи таҳсили набераашро, ки андак набуд, ӯ пардохт менамуд ва наберааш тӯли 16 сол бо вай умр ба сар бурд.

***

Лермонтов ба ҷуз адабиёт ба риёзиёт низ рағбат дошт, хуб расм мекашид.

***

Лермонтов бо густохӣ ва шӯхиҳои худ, ки ҳама сарҳадотро убур мекард, ном бароварда буд. Барои ҳамин хислаташ дар ҷамъиятҳо ӯро дӯст намедоштанд. Ҳалокати шоири петербургиро аксарият бо чунин суханон пазируфтанд: «Сазои сараш...», «коштаашро даравид».

***

Дар умри начандон тӯлонии худ (ҳамагӣ 26 сол) классики адабиёти рус дар чаҳор дуэл ширкат варзид.

***

Ҳангоме ки ба Лермонтов зарурати интихоб омад: дар Пятигорск бимонад ё ба хидмат биравад, ӯ ба танга эътимод намуд. Баъди ба осмон ҳаво додан танга нишон дод, ки дар Пятигорск бимонад ва дар ҳамон ҷо бо гузашти 1 сол дуэли маргбори ӯ бо Мартинов рух дод.

Мартинов нишонзани моҳир набуд ва ҳама гумон доштанд, ки тираш хато меравад, аммо ин дафъа чунин нашуд. Тир рост ба синаи Лермонтов зад. Шӯхии хунуки Лермонтов нисбат ба Мартинов сабаби охирин дуэл гардид.

***

Ҳаёти Лермонтов аз тасодуфҳои фоҷиабор пур буд. Бобобузургаш дар паси мизи солинавӣ даст ба худкушӣ задааст, падарашро аз хона пеш карда буданд, модараш дар ҷавонӣ ногаҳон вафот карда буд.

Таҳия ва тарҷумаи **А.КОМРОН.**

# Суханрезаҳо

Беҳтарини накӯӣ дар ҳаққи инсонҳо навохтани рӯҳи онон аст.

***

Шамшери хирад бош, то беақлонро кор ойӣ, на хиради шамшер, ки соҳибақлонро бор гардӣ.

***

Ботинан ҳунарманд бош, ҳунари зоҳир худ аз худ намоён аст.

***

Гоҳо ақл як соат кор кунад, дувоздаҳ соат кор кардан шарт нест.

***

Шиори саховатманд: ман ҳеч чиз надорам ва он чӣ дорам, аз они ман нест.

***

Дарки дили шайдои худ аз кашфи ду дунё афзалтар аст.

***

Аз пайи бахт набош, бигзор он ба дунболи ту гардад.

***

Танбеҳи саривақтӣ модари давоҳост.

***

Аз луқмаи ҳаром рӯзадорӣ беҳ.

***

Аз ғолиби ғулом будан озоди мағлуб будан беҳ.

***

Шиками гуруснаро ба қаноат сер макун.

***

Аввал нон деҳ, баъд амр.

***

Эй он, ки аз шодии дигарон завқ мебарӣ, дон, ки андӯҳи онон низ аз они туст.

***

Инсон он сон, ки бо гиряи ошкор ба дунё меояд, ҳамон сон бо нолаи пинҳон аз олам меравад.

***

Афкори тоза аз ҷони озода.

***

Бо мағрур мағрур бош, агарчӣ ду дунё лашкар дорад.

***

Садои гӯшхарошро метавон таҳаммул кард, Худо нигаҳ дорад аз садои дилхарош.

***

Ҳақиқат биниш аст, ҳама чизро бо назари пок бубин, дил покиза гардад.

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА.**

*Шарифи ХАЛИЛ*

# ЭШОН

*(Ҳикоя)*

Аз лабони Эшон пайваста ояҳои осмонӣ пар кушода, дар замзамаи хосе ба гӯшҳо менишастанд, яқин торҳои аъсобро навозиш карда, аз дори қалбҳо маъво мегирифтанд. Аҷаб муассир буд ин хониш, ин овози бирешимвор маҳину форам! Ҷумла сомеъон маҳлиё...

Дар як гӯша пиразане бистарист. Бемор аст ӯ. Кадом дарде азияташ медод, балки пирӣ... ҳоло пойҳояш рӯи ҷогаҳу пушт ба девор ниҳода, вай ба эҳтироми суханҳои Парвардигори олам азоб бошад ҳам, сар аз болин бардошт, гӯшаш ба лаҳни муассири қорӣ хомӯш менишаст. Хона пур аз одам: писару духтарон, набераҳо, таборони баоқибат, ҳамсояҳои қадрдон... ҷамъ омадаанд. Онҳо атрофи дастархон нишаста, инак аз тановул даст бардоштаву мисли пиразан танҳо гӯш ба замзамаи ояҳои Худо додаанд. Сарҳо хам, дастҳо рӯи зонувон... хаёл ҳамаро ба дуриҳо бурдааст, шояд аз бемор шудани азизи оила ҷигархунанд, аз Худо тараҳҳуме чашм доранд ва шифои беморро мепурсанд. Шояд оятҳо ёди гузаштагонро ангехта, сурату сирати писандидаи онҳоро дар зеҳнашон зинда мекард.

Бемор гоҳ-гоҳ лаб меҷунбонд, мумкин дар дил калима мегардонд, ё рӯ ба раҳми Худо сидқан талаби шифое мекард. Охир, умедаш ин ки, агар Парвардигор изн бидиҳад, боз чанд солак зиста, ба рӯзҳои шодии набераву чабераҳо шоҳид шавад.

Эшон меҳонду меҳонд.

Пиразан дар таъсири ин хонишҳо, нолишҳо... як майда худро сабук ёфт, ба дилаш нур даромад, пилки ҷашмони то ин дам вазнинаш сабук шуда, нигоҳашро аз пеши пойҳояш дуртар – рӯи дасторхон, ба писару духтарон, таборон... бурд. Эшонро, ки дар бараш нишаставу беист оят меҳонд, низ маъюс назора кард. Риши қиргуни кулӯтае дорад ӯ, рӯяш гирда, аз чӣ буд, ки нони нав аз танӯр кандаро ба ёдаш меовард – лахчавор сурх ва... гарм.

Вай хаёлан як лаҳза зиндагии пур аз шебу фарози худро тай зад. Ба ёд овард, ки остин барзадаву миён маҳкам баста чаҳор фасли сол хушҳол дар назди танӯри тафсон истода нон мепухт, ҷунон бамеҳр мепухт, ки он неъмати Худованд дар фарҷом ба рӯи ӯ гарм табассум мекарданд, аҷаб бӯйе дода, кадом як шавқеро дар дили вай бедор месохтанд... Шояд иштиёқи зиндагӣ буд он, танҳо ба бахти як села фарзандони навболаш, дидани рӯзҳои некашон...

“Акнун боз сар боло мекарда бошам, ба ду пой рост шудаву ба касе дард нагашта, даруну берун меборомада бошам, пой аз бӯсагоҳ берун бурда, вуҷудам дар панҷаи мулоими боди саҳаргоҳон дамидани субҳ, баъдтар... қиёми офтоб ва пасон омад-омади шомро медида бошам...” Пиразан ноаён оҳе кашиду маъюс боз ба Эшон нигарист.

Вай бо чашмони нимпӯш ва дар мароми хосу лаҳни аҷаб фораме аз китоби Худо оят меҳонд. Зебо меҳонд, овозаш монои лаҳни обшорон буд. Ихлоси ин зани солхӯрда ба Эшон торафт меафзуд. Худоро шукр, аз гузашта инак ҳолаш беҳтар шудан дорад. Фикраш, чашм нарасад, нисбатан равшан, меғи дилаш оҳиста парокanda мешавад, дармонаш низ дубора ба мақоми худ бармегардад...

Ҳамин замон оби офтоба, ки Эшон пас аз ҳар танаффус ба даҳони он “суф” мегуфт ва як “суф”-и дигар ба ҷониби бемор равон мекард, балақ-балақ ба ҷӯш омад...

* * *

Тамоми рӯз бедареғ нур бахшида, офтоби акнун бефараи тамуз боз муддате муҳити деҳаро гарм нигоҳ медорад. Аммо то ба қоим гаштани шом ҳанӯз фурсат кофист... Офтоб ҳамон рағбаташ бедору навъе сабукбор оҳиста ба самти қибла мегелад. Он ҷо – дар паси қуллаҳои мағрури кӯҳҳои сарбафалак, манзили шаббошаш аст. Ҳар қадар сар ба мағриб мебурд, он қадар сояи дарахтон, дару деворҳо ва ҷумлаи ашё ҷой иваз карда ва... синамол рӯи хок дарозтар мешуданд. Сояи девори бобои Сафар ҳам кам-камак ҷон мегирифт. Аз як бари он бораи кӯҳна калтути пир қад боло карда ва чун ҳама солҳо дар авҷи шукуфоӣ ногузир шоху навдаҳои сербаргашро ба коми кирмакҳои гуруснаи пилла бахшида буд. Ва ҳоло як вуҷуди навобохтаро мемонд – ғамгин ва ба сад андӯҳ печида... Ман пушт ба тани ноҳамвори он дарахти сияҳрӯз гузошта, худро ба паноҳи соя мегирам, ба саломи ину он зиёда эътиборе надода, бо сар ҷунбондан иктифо меварзам ва... то вақтро ба “нафъи” худ бикушам, лоқайд сигор дуд медиҳам.

(Давом дорад).



*Бухоро аз қадим чун шаҳри соҳибкорон ва ҳунармандон шуҳрат ёфтааст. Дар ин ҷо ҳунармандӣ ва самтҳои гуногуни санъати амалии халқ, хусусан, зардӯзию заргарӣ ва кашидадӯзӣ ба дараҷаи баланд тараққӣ кардааст.*

*Имрӯзҳо низ дар Бухоро ҳунармандӣ ривоҷ меёбад. Анъанаҳои «устоду шогирд», сулолаҳои оилавии ҳунармандӣ асрори омӯхтани ҳунарҳоро аз аҷдод ба авлод мегузаронанд. Алалхусус, пиллапарварӣ, гилемдӯзӣ, кулолгарӣ, кандакорӣ, зардӯзӣ, кашидадӯзӣ, чӯбкорӣ барин навъҳои зиёди ҳунармандӣ рӯ бар равнақ аст.*

*Нақшҳои ба худ хоси Бухоро дар ҳунари заргарии он низ ифода ёфта, маҳсули меҳнати заргарон ҳаваси ҳамаро бедор месозад.*

***Дар сурат:** маҳсули меҳнати аҳли ҳунар.*

***Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).***

*Малик КАБИРОВ*

# Булҳавас ҳаргиз машав

*Меҳр агар дар дил набошад, дилбарӣ даркор нест,*
*Ғамзаи чашми бутон, афсунгарӣ даркор нест.*
*Ишқро лаззат набошад шавқи булбул аз куҷост,*
*Гар насозад дил фари хунёгарӣ даркор нест.*
*Гав набӯяд гул ва бо булбул наҷӯяд ҳамдамӣ,*
*Бут набошад покдоман ҳамсарӣ даркор нест.*
*Рехт тухми меҳри гул бар мазраи қалби гадо,*
*Ишқро макру дағо, иғвогарӣ даркор нест.*
*Меҳарӣ кулли наво бо бадра аз бозори даҳр,*
*Баҳри ошиқ пешаи савдогарӣ даркор нест.*
*Бо лати кибру такаббур дил наёрад кас ба даст,*
*Эй писар, андеша бинмо сарсарӣ даркор нест.*
*Бар нигоре чун шудӣ ошиқ марав сӯйи дигар,*
*Булҳавас ҳаргиз машав ҳуру парӣ даркор нест.*

*ПАРИСО*

# МУСТАЗОД

*Кай нур биборад сари меъодгаҳи роз,*
*Дар ин шаби ялдо,*
*То кай дами расвоӣ фурӯ мекашадам боз,*
*Аз чист ҳувайдо?!*
*Бар тахти равони ғаму андӯҳ равонам,*
*Бар кишвари уммед,*
*То ёбамаш осор аз он булбули ғаммоз,*
*Дар меҳани Анқо.*
*Эй Ҳофизи сармаст, бигӯ баҳри савобе,*
*Чандест тафовут,*
*Байни ману он лолаи ошиққуши Шероз?!*
*Дар ҳайратам Ҳақо!*
*Дидам, ки наафтод бад-ин доми карашма,*
*Чун Юсуфи Мисрӣ,*
*Бидридаму ҷастам бурун аз пираҳани ноз,*
*Монанди Зулайхо.*
*Мегӯӣ, ки ишқ аслиҳаи дилхушӣ?! Не! Не!*
*Андешаи хоме!*
*Ишқ аз ғаму андӯҳ бикунад рӯи ту пардоз!*
*Дардову шигифто!*
*Сад мурда ба оҳи ту зи ҷо ҷасту равон гашт,*
*Дорам аҷаб, аммо,*
*Гӯ аз чӣ шавад рамзи дилу ақли ман оғоз?*
*Эй Ҳазрати Исо!*
*Рӯде бизану ком бигир аз майи ангур,*
*Дар базм Парисо,*
*Мурғи дилат аз мастӣ шавад боз ба парвоз,*
*Шояд, ки ҳамоно!*

# МАРАНҶ

*Хасро фалак азизи башар мекунад, маранҷ,*
*Касро ҳақиру дастнигар мекунад, маранҷ.*

*Дарё хутути соҳили хушсабзи хешро,*
*Бо даргузашти вақт дигар мекунад, маранҷ.*

*Гоҳе хазанда ҳам пайи парвозҳои дур,*
*Бо боли ғайр азми сафар мекунад, маранҷ.*

*Хуршед ҳам ба манзили неку бадони даҳр,*
*Яксону якнавохт назар мекунад, маранҷ.*

*В-он кас, ки даст доду туро дӯст хонд, лек*
*Доман ба хуни дӯст чу тар мекунад, маранҷ.*

*Ай Орзуи сода, мақоми самандро,*
*Дунё насиби галлаи хар мекунад, маранҷ.*

***Орзу ИСОЗОДА.***

# ТОШКАНД БОЗ МИЗБОНИ БИЕННАЛЕИ БАЙНАЛХАЛҚӢ МЕШАВАД

Ин биеннале 24-28 октябри соли 2022 таҳти унвони “Консепсияҳои санъати оянда” баргузор хоҳад шуд.

— Чорабинии мазкур таҳти ҳимояи молии давлат роҳандозӣ шуда, дар он намояндагони санъати тасвирӣ, мисли рассомон, ҳайкалтарошон, графика ё як намуди санъати тасвирӣ, ки дар он хосиятҳои сатҳи тасвирӣ ҳамчун воситаи асосии визуалӣ истифода мешаванд, инчунин онҳое ширкат хоҳанд кард, ки бо намудҳои гуногуни наворбардорӣ ва санъати консептуалӣ машғуланд. – гуфт дар суҳбат бо мутасаддии баргузоркунии ин биеннале Суҳроб Қурбонов.

Биеннале дар кишвари мо бо дастгирии ҳукумат аз соли 2001 инҷониб дар ҳар ду сол як маротиба баргузор мегардад. Маънои “биенналe” низ дар ду сол як маротиба баргузоршавии намоишгоҳи мусаввирон, фестивали эҷодкорони соҳаи санъати тасвириро ифода мекунад. Он майдони кушоди мубодила дар соҳаи санъати тасвирӣ, ҳайкалтарошӣ, шиносоӣ бо нерӯи эҷодии муосири мамлакатҳои гуногун, муҳокимаву баррасии масъалаҳои муҳими санъати муосир мебошад.

Ба гуфтаи ӯ, Биенналеи байналхалқии санъати муосир дар соли 2022, ки “Рассом ва ҷомеа. Консепсияҳои санъати оянда» унвон гирифтааст, аз тариқи намудҳои гуногуни санъати тасвирӣ ҷаҳони муосирро бо тамоми манзараҳои хубу бадаш, мавҷудияти мушкилот, амалӣ намудани ғояҳои гуногун, тарҳрезии консепсияҳо, стратегияҳо ва технологияҳои мухталифро пешкаш мекунад.

Маълум мешавад, ки санъати тасвирӣ ҳамчун як ҷузъи фарҳанги бадеии рангоранги муосир воқеияти табиату ҷомеа, таърихи муосир, тамаддуну фарҳанг, олами ошкору ниҳонро дар худ инъикос менамояд. Гуфта мешавад, сарфи назар аз душвориҳои имрӯзаву оянда инсон ҳамеша дар роҳи ғамхории ҷомеа қарор дорад.

– Созмондиҳандагони биеннале ҳангоми интихоби ин мавзӯъ ба ифшои паҳлӯҳои аслии равобити афроди эҷодкор ва ҷомеа таваҷҷӯҳро равона кардаанд, ки оё ҳунарманд бо ҷомеа иртибот дорад ё баръакс, бо ғарқ шудан ба рӯҳияи худ бо ҷаҳони беруна тавъам аст ва ё худро аз он ҷудо мебинад. Ҳар як соҳибҳунари муосир медонад, ки чӣ имрӯз бештар аз ҳама мардумро ба ташвиш меоранд, аз санъати муосир чиро ба мерос гирифтан мумкин аст, – гуфт дар идомаи сӯҳбат Сӯҳроб Қурбонов.

Санъатшинос ва мушовири баргузор кардани биенналеи Тошканд Камола Оқилова изҳор дошт, ки маҳсулоти аҳли ҳунари санъати тасвирӣ ва ҳайкалтарошӣ ҳамеша харидорони худро пайдо мекунад.

– Мо дар доираи ин биеннале роҳандозии озмунро низ дар соҳаҳои гуногуни санъати тасвирӣ ва ҳайкалтарошӣ барномарезӣ кардаем. Дар айни ҳол маблағи умумии ихтисосдодашуда 588 миллион сӯмро ташкил менамояд. Ғолибон соҳиби Гран-при ва се мукофот хоҳанд шуд. Дарвоқеъ, ғолибони ин озмун метавонанд намояндагони кишварҳои гуногун бошанд ва дар ин самт ягон монеа вуҷуд нахоҳад дошт, – зикр намуд Камола Оқилова.

Ба таъкиди мавсуф имкон мавҷуд аст, ки ҳомиёни саховатманд низ бо таъсиси мукофотҳо ширкат кунанд.

Дар айни ҳол маблағи Гран-при 25 миллион сӯм, ҷойи якум 20 миллион сӯм, ҷойи дуюм 15 миллион сӯм ва ҷои сеюм – 10 миллион сӯм пешбинӣ шудааст. Ба гуфтаи дастандаркорони ташкили биенналеи Тошканд дар айни ҳол 40 мамлакат барои иштирок дар он ибрози омодагӣ кардааст. Аз Ҷумҳурии ҳамҷавори Тоҷикистон ду нафар дархост равон кардаанд.

Интизор меравад, ки дар корҳои омодагирӣ ва ташкили ин чорабинии васеъмиқёси байналхалқӣ вазорату идораҳои гуногуни мамлакатамон саҳми худро мегузоранд. Дар чаҳорчӯби биеннале баргузор кардани конфронси илмӣ-амалӣ низ барномарезӣ шудааст. Дар он ширкати олимон аз кишварҳои иштирокчии ин биеннале таъмин хоҳад шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**

# Латифаҳо

## Ҳолпурсӣ

Дӯстон пурсиданд:

– Вова, чаро сару рӯйи ту варам аст?

– Дирӯз шабона ба ман ду шӯрапушт ҳамла кард.

– Ту охир аз рӯйи каратэ соҳиби тасмаи сиёҳӣ-ку?

– Шаб торик буд, онҳо тасмаи маро дида натавонистанд.

***

## Маслиҳати духтури дандон

– Дандонатонро кашидам, ду соат хӯрок намехӯред.

Мизоҷ:

– Қимати дандонкашӣ хеле баланд будааст, ман акнун понздаҳ рӯз чизе ба даҳон намебарам.

***

## Як бор бахшиш напурсид

Вова рӯзи шанбе, вақте аз мактаб ба хона баргашт, модарашро дар даромадгоҳ дида пурсид:

– Модар, ту ба харидор чӣ мегӯӣ, вақте ки ба ӯ ба ҷойи 5 сӯм 2 сӯм бармегардонӣ?

– Мебахшед, хато кардаам.

– Вале Мария Ивановна дар давоми ҳафта ба рӯзномаи ман ду бор, ба ҷойи баҳои “5” баҳои “2” гузошту як бор бахшиш напурсид.

Таҳияи
**Фариштаи ҒОИБНАЗАР.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-925. Адади нашр 4710 ҳаҷм 4 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррирони навбатдор:
М. Шодиев, Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.